Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар семоҳаи аввали соли 2019 бо истифодаи "Шакли намунавии пешниҳоди маълумот"

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд.**

## 1.1. Таъминоти расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Дар семоҳаи аввали соли 2019 ба мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 346 адад санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ворид гардидаанд, ки аз ҷониби шаҳрҳои Ваҳдат 21 адад, Роғун 2 адад, Турсунзода 38 адад, Ҳисор 36 адад, ноҳияҳои Варзоб 37 адад, Лахш 27 адад, Нуробод 36 адад, Рашт 11 адад, Рӯдакӣ 18 адад, Сангвор 21 адад, Тоҷикобод 28 адад, Файзобод 37 адад ва Шаҳринав 34 адад қарорҳо дар заминаи Амрҳо ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расида, ҷиҳати корбарӣ ва иҷрои саривақтӣ ба воҳидҳои сохтории дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ирсол гардидааст.

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2019 с., №АП-1146 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 с., "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" зикр гардидаанд қарори раисони 13 шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нақша чорабиниҳо ба тавсиб расидааст, ки расмиёти ҳуқуқии иҷрои супоришҳои Нақша чорабинии Амр бо муайян намудани тадбирҳо ва вазифаҳои воҳидҳои сохторӣ, ташкилотҳо таъмин карда шудааст.

## 2. Маълумот оид ба ҷараёни иҷрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун

**Нишондоди пешакии самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 2.1. (2.1.2)Риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», 2.1.1. Раванди амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, 2.1.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", 2.2. (2.2.1)Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", 2.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", 2.4. (2.4.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”, 2.5. Рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет», 2.6. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», арзёбӣ гардиданд.**

### 2.1. (2.1.2) Риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тибқи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба такмили шаклу услуби кор, сифат ва самаранокии корҳои сиёсӣ, ташкилию оммавӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, бо назардошти масъалаҳои афзалиятноки соҳа нақшаи кории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро таҳия ва тасдиқ намудааст.

Дар се моҳаи аввали соли 2019 оид ба ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кумаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани ваколатҳои онҳо дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Турсунзода ва Файзобод кӯмаки молиявӣ расонида шудааст, ки барои риояи талаботи моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” самаранокии фаъолияти ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мусоидат карда шуда, дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо иҷрои талаботи қонуни мазкур ба роҳ монда нашудааст.

### 2.2.1. Раванди амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди азхудкунии маблағҳо барои амалигардонии лоиҳа чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шаҳру ноҳияи Ваҳдат 74,6%, Турсунзода71,0% ва Рӯдакӣ 59,5% таъмин гардида, дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда истодаанд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикобод 37%, Нуробод 37%, Ҳисор 33%, Варзоб 32% ва Файзобод 23% ташкил додааст.

Нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияҳои Рашт 20%, Лахш 10%, Роғун 8,8%, Шахринав 4,2% ба назар расида, ҷоннок намудани ҳамкории байни мақомоти маркази ва маҳаллии ҳокимияти давлати, ҷалби соҳибкорон ва фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллиро талаб менамояд.

Дар ин давра шумораи лоиҳа чорабиниҳое, ки бинобар дарёфт нагардидани маблағ корҳо оғоз нашудаанд, аз шумораи умумии нақша

чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 74,6% (шумораи лоиҳаи оғознагардида 77 лоиҳа), Турсунзода71,0% (21 лоиҳа), Рӯдакӣ 59,5% (81 лоиҳа), Тоҷикобод 37% (139 лоиҳа), Нуробод 37% (131 лоиҳа), Ҳисор 33% (53 лоиҳа), Варзоб 32% (195 лоиҳа), Файзобод 23% (86 лоиҳа), Рашт 20% (53 лоиҳа), Лахш 10% (124 лоиҳа), Роғун 8,8%, Шаҳринав 4,2% ташкил додааст, ки андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Натиҷаи рафти таҳлили нишондиҳандаи раванди амалишавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ муайян намуд, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода ва ноҳияи Ҳисор, Рӯдакӣ дар сатҳи муайян таъмин карда шуда, дар ин раванд барои баланд бардоштани самаранокии фаъолиятии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Лахш, Роғун ва Шаҳринав андешидани тадбирҳои иловагиро ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявӣ ин ноҳияҳоро тақозо менамояд.

Пешниҳод: Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои он, барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳои иҷроишашон аз ҷониби мақомотҳои марказии дар Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пешбинӣ гардида, дарёфти маблағ барои иҷрои лоиҳаи оғознагардида, истифодаи натиҷаи ҳисоботҳои амалигардонии рафти барнома то соли 2019 дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомотҳои иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

### 2.1.3. Муроҷиатҳои шаҳрвандон ба МИМҲД, инчунин аз ДИПҶТ ирсол гардида

Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ муроҷиати умумии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷумла дар шаҳри Ваҳдат 2394 адад, нисбати ҳамин давраи соли гузашта +41 адад, ноҳияҳои Шаҳринав 725 (+66), Роғун 488 (+225) Сангвор 147 (-59) ташкил дода, дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 2832 (-451), Ҳисор 1964 (-237), Файзобод 900 (-192), Нуробод 259 (-23), Рашт 507 (-66), Турсунзода 1644 (-179), Тоҷикобод 556 (-39), Лахш 265 (-203), Варзоб 748 (-6) ба қайд гирифта шудааст.

Дар ин раванд аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи муроҷиати шаҳрвандон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Рашт +3 (ҳамагӣ 6 адад, Турсунзода +15 (35 адад), Роғун -5 адад (24 адад), Рӯдакӣ -21 адад (81 адад), Тоҷикобод -1 (2 адад), Ваҳдат -1 (63 адад), Нуробод -13 (48 адад), Варзоб -21 адада (-2), Лахш -1 (1 адад) Роғун -3 адад (6 адад), Файзобод -6 адад (16 адад) Шаҳринав -3 (13 адад), Тоҷикобод -1 (2 адад) ба қайд гирифта шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор -16 (42 адад), Сангвор +3 адад (4 адад) зиёд ба қайд гирифта шудааст, ки ҳалли худро

наёфтани масъалаҳо дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Шумораи зиёди мурочиатҳо оид ба гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Рашт +77 (99 адад), Нуробод +9 адад (65 адад), Файзобод +1 (357 адад), Шаҳринав -6 (27 адад) ба қайд гирифта шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияхои Рӯдакӣ -337 адад (341), Ваҳадт адад -147 (430 адад), Варзоб -74 (211 адад), Ҳисор -50 (435 адад), Сангвор -18 адад (74 адад), Турсунзода (-31 адад), Точикобод -42 адад (77 адад), Лахш -20 адад (48 адад), Роғун -4 адад (58 адад), кам гардидааст, ки аз беҳтар гардидани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо манзили зист далолат медиҳад.

## 2.2. (2.2.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Дар давоми се моҳи соли равон комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” нақшаи кории комиссияро барои соли 2019 тасдиқ намудааст. Иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҷиҳати таъмини Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба роҳ мондааст.

Тибқи талабот дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” амал намуда, даавоми семоҳаи аввали соли 2019 ҷиҳати иҷрои қарори муҳокимаи парламентӣ оид ба номгузориву номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва қисмҳои таркибии онҳо дар заминаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон ”аз 19 декабри соли 2018, №3 тадбирҳои мушаххас андешида шудааст.

Дар асоси супориши мазкур санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ “Дар бораи таъсиси гурӯҳи корӣ ” таҳия ва тасдиқ гардидааст. Гуруҳҳои корӣ дар ҳамбастагӣ бо бахши омор дар Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти ноҳия оид ба ҳолати бақайдгирию баҳисобгирии тамоми воҳидҳои маъмурию ҳудудии ноҳия чораҳои амалӣ андешида истодаанд.

## 2.3. (2.3.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо ба тавсиб расидааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2019, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳолатҳои ба ҷиноят даст задани ноболиғон ба қайд гирифта шудааст, ки ба шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 144 ҳолат, Ҳисор 7 ҳолат, Сангвор 5 ҳолат, Рӯдакӣ 5 ҳолат, Варзоб 1 ҳолат рост омода, нисбати волидайни онҳо парвандаҳои дахлдор оғоз гардидааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат барои пурзӯр намудани фаъолияти Комиссия дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд оид ба корҳои ташвиқоти тарғиботи ҷиҳати даст задани ноболиғон ба ҷиноят чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамзамон дар шаҳри Турсунзода нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 ҳолат, кам гардида, аз самаранокии фаъолияти Комиссияҳои шаҳр далолат медиҳад.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳо Роғун, Файзобод, Тоҷикобод, Нуробод, Рашт, Шаҳринав ва Лахш, қайд гардидааст, ки вобаста ба риояи ҳатмии қонуни мазкур корҳои тарғиботӣ бо роҳи суҳбату вохуриҳо доир карда шудаанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, фаъолияти комиссияи шаҳру ноҳияҳо, ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» корҳои ташкилию тағриботиро пурзӯр намоянд.

## 2.4. (2.4.1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим" (банди 59-и паём)

Дар семоҳаи якуми соли 2019 вайрон намудани қонунгузории танзим дар шаҳри Ваҳдат 8 ҳолат ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта (+1 ҳолат) зиёд гардидааст, дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод 3 ҳолат, Роғун 1 (+1 ҳолат), Рашт 6 (+4 ҳолат), Файзобод 2 ҳолат ба назар расида, дар сатҳи лозима ба роҳ намондани корҳои ташвиқоти тарғиботиро аз ҷониби Комиссияҳо дар шаҳру ноҳияҳои мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 10 ҳолат (-6 ҳолат), Шаҳринав 5 (-2 ҳолат) ҳолат ва Ҳисор 3 (-2 ҳолат), Рӯдакӣ 1 ҳолат (-8 ҳолат), Тоҷикобод 1 (-1 ҳолат) қонуншикании мазкур кам гардидааст, ки дуруст ба роҳ мондани фаъолияти комиссияҳо ва самаранокии фаъолият онҳоро инъикос менамояд.

Хароҷоти аз ҳама баланд барои баргузории як маърака ба ҳисоби миёна дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод 8000 сомонӣ, Ҳисор 7297 сомонӣ, Сангвор 6964 сомонӣ, Ваҳдат 6472 сомонӣ, Лахш 6108 сомонӣ, Варзоб 6099 сомонӣ мушоҳида мегардад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 5500 сомонӣ, Тоҷикобод 3676 сомонӣ, Рӯдакӣ 3719 сомонӣ, Роғун 3442 сомонӣ, Рашт 2470 сомонӣ, Шаҳринав 2070 сомонӣ ва Нуробод 856 сомониро ташкил додааст.

## 2.5. (2.5.1)Рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 "Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет"

Дар ин давра дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маҳзани ягонаи электронии ҳуҷҷатҳо ташкил шудааст. Инчунин дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Турсунзода (www.tursunzoda.tj), Ҳисор (www.hisor.tj), Ваҳдат (www.vahdat.tj), Роғун www.rogun.tj, Тоҷикобод (www.tojikobod.tj), Сангвор (www.sangvor.tj), Нуробод (www.nurobod.tj), Варзоб (www.varzob.tj), Лахш (www.lakhsh.tj), Шаҳринав (www.shahrinav.tj), Файзобод (www.Faizobod.tj) Рашт (www.rasht.tj), Рӯдакӣ (www.rudaki.tj) амал мекунад, ки дар заминаи сомонаҳои мазкур барои дастгоҳои раисон ва сохторҳои он почтаи электронӣ кушода шудааст, ки барои гузаштан ба ҳукумати электронӣ ва сифатнок ба роҳ мондани маълумотҳо байни дастгоҳони раисон ва сохторҳои онҳо мусоидат намуда истодааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2019 нишондиҳандаи баланди дараҷаи корношоямии воситаҳои технологияи иттилооти коммуникатсионӣ, компютерҳо дар дастгоҳи раиси шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти (ҷамоатҳо)-и онҳо, дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб 21,8% (32 адад), Ҳисор 21,4% (98 адад), Сангвор 16,6% (12 адад), Рӯдакӣ 16,3% (80 адад), Рашт 20% (20 адад), Нуробод 14,8% (27 адад), Шаҳринав 12% (25 адад), Тоҷикобод 12% (25 адад), Файзобод 10,7% (46 адад) ба назар мерасад, ки таъсири манфии худро ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мерасонад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 6,9% (43 адад), Турсунзода 6,3% (64 адад), Лахш 6,3% (32 адад), Роғун 0% (ҳамагӣ 24 адад) - ро ташкил додааст.

Дар ноҳияи Варзоб 26 нуқта, дар дастгоҳи раиси ноҳия ва 7 нуқта, дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба интернет пайваст мебошанд, ки ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав 16/7, Рашт 12/14, Тоҷикобод 10/1, Файзобод 10/12, Нуробод 8/0, Турсунзода 7/0, Ҳисор 6/0, Сангвор 5/5, Лахш 4/10, Ваҳдат 5/0, Роғун 1/0 ва Рӯдакӣ 1/1 ташкил медиҳад.

Миқдори муайяни нуқтаҳои пайвастшавӣ ба интернет дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти шаҳру ноҳияҳои Варзоб, Шаҳринав, Рашт, Тоҷикобод, Файзобод, Нуробод, Турсунзода, Ҳисор, Сангвор, Лахш, Ваҳдат Роғун ва Рӯдакӣ ташкил ва ба роҳ монда шудааст, ки барои ҷойгир намудани сомонаи онҳо дар шабакаи интернет ва таъмини шаффофияти фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда,

МИМҲД-иро мебояд пурзӯр намудани корҳо дар ин самт тақвият бахшанд.

### 2.6. (2.6.1-2.6.2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

Дар семоҳаи аввали соли 2019 ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар шаҳру ноҳияи Роғун, Турсунзода, Ҳисор, Лахш, Нуробод, Рашт, Рӯдакӣ, Тоҷикобод ва Файзобод 1 маротибагӣ озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таъмин карда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 16, Нуробод 21, Рашт 19, Рӯдакӣ 29 , Тоҷикобод 13 ва Файзобод 8 мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ дар мақомоти шаҳру ноҳия ва мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷой доранд, ки омузиши сабабҳои худро талаб намуда, барои бартараф намудани ин камбуди тадбирҳои лозимӣ андешида шавад.

Дар доираи иҷрои моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ, мувофиқи маълумотҳои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми семоҳаи соли 2019 дар натиҷаи андешидани чораҳои прокурорӣ 59 қарорҳои ғайриқонунии раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз он 18 адад қарорҳои рисони амалкундана бекор ё ба қонун мутобиқ карда шудаанд, ки ба қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳои Рашт 12 адад (аз он 0 адад ба қарорҳои раиси амалкунанда), Рӯдакӣ 10 адад (1 адад), Турсунзода 8 адад (8 адад), Тоҷикобод 8 адад (0 адад), Шаҳринав 5 адад (5 адад), Варзоб 5 адад (1 адад), Ҳисор 3 адад (0 адад), Нуробод 2 адад (2 адад), Сангвор 2 адад (1 адад), Файзобод 2 адад (1 адад), Ваҳдат 1 адад (0 адад) ва Роғун 1 адад (0 адад) рост меояд, ки раисони ин шаҳру ноҳияҳоро бармеояд, ки минбаъд дар қабули қарорҳо ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ такя намуда, ба камбудиҳо роҳ надиҳанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ҳамкори бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ ҷиҳати иҷрои моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

## 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ
## (банди 13-и паём)

**Нишондоди пешакии таъмини пешрафти устуворӣ иқтисодӣ бо**

**нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 3.1. Даромади буҷет, 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо, 3.3. Бақияи қарзи андоз, 3.4. Қарзи музди меҳнат, 3.5. Музди миёнаи меҳнат, 3.6. Корҳои андешидашуда ҷиҳати ташакул додани сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллӣ арзёбӣ гардиданд.**

## 3.1. Даромади буҷет

Дар семоҳаи аввали соли 2019 нишондиҳандаи даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби зиёд гардидани воридоти маблағ нисбат ба нақшаи даромадҳои давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод +1,6 млн. сомонӣ (109%), Шаҳринав + сомонӣ (афзоиш 106%), Лахш +210 ҳазор сомонӣ (105%), Сангвор 88,1 ҳазор сомонӣ 104% ва Нуробод +95,5 ҳазор сомонӣ 100,3% таъмин гардидааст, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои мазкур шароити иқтисодӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Роғун -22,1 млн. сомонӣ (57,7%), Ваҳдат -3,2 млн. сомонӣ (93%), Варзоб -0,42 млн. сомонӣ (93,3%), Турсунзода -0,8 млн. сомонӣ (98,1%), Ҳисор -203 ҳазор сомонӣ (99,5%), Рӯдакӣ -827 ҳазор сомонӣ (99%) ва Тоҷикобод -8 ҳазор сомонӣ (99,6%) нисбат ба нақшаи даромади буҷети давлатӣ кам маблағ ворид гардидааст.

Дар шаҳри Роғун нақшаи андозҳо сифатан иҷро нагардааст, ки боиси иҷро нагардидани буҷети давлатӣ гардида, омӯзиши сабабҳо ва зарурияти пурзур намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва нозироти андоз ба миён омадааст.

Нақшаи қисми хароҷоти буҷет бошад дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар Шаҳринав 95%, Рӯдакӣ 94,5%, Нуробод 94,1%, Ҳисор 93,2%, Файзобод 93%, Лахш 91,8%, Варзоб 90,9%, Турсунзода 90%, Тоҷикобод 89,9%, Сангвор 80,5%, Роғун 83,4% ва Ваҳдат 78% иҷро гардидааст.

## 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо

Ба ҳолати 1 апрели соли 2019, дар шаҳри Ваҳдат иҷрои 6 намуди андозҳо, аз он ҷумла андоз аз даромад ба маблағи 67,7%, андоз аз арзиши иловашуда 44,6%, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 54,9%, боҷи давлатӣ 64,5%, низоми махсуси андозбандӣ 64,3% ва андоз аз молу мулки ғайриманқул 73,0%, ки дар маҷмуъ аз ин ҳисоб 43 млн. 966,2 ҳазор сомонӣ дар шаҳри Ҳисор 4 намуди манбаи даромад, андоз аз даромади шахсони воқеӣ 1063,0 ҳазор сомонӣ, андоз аз арзиши иловашуда 1758,0 ҳазор сомонӣ, андоз аз истифодабарандагони қаъри замин 108 ҳазор сомонӣ ва воридоти дигари ғайриандозӣ 250 ҳазор сомонӣ, дар шаҳри Турсунзода 2 намуд андоз аз фоида, нақша 5,1 млн. сомонӣ, иҷро 3,6млн. сомонӣ 72%, андоз аз арзиши иловашуда нақша 2,9 млн. сомонӣ, иҷро 2,0 млн. сомонӣ 68%, дар шаҳри Роғун 2 намуд андоз аз арзиши иловашуда 42%, андоз фоида 35,8%, дар ноҳияи Шаҳринав 1 намуд андози замин 77%, ноҳияи Тоҷикобод андоз аз арзиши иловашуда 51 фоиз, аз воситаҳои нақлиёт 89 фоиз ва аз ҳисоби дигар пардохтҳо ба буҷети маҳаллӣ 20 фоиз иҷро гардидааст, ноҳияи Сангвор 2 намуд, андоз аз

воситаҳои нақлиёт- 39% Дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети маҳаллӣ 14%-ро ташкил кардааст.

### 3.3. Бақияи қарзи андоз

Дар соли 2019 чораҳои андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо нозироти андоз имкон додааст, ки дар ноҳияи Шаҳринав маблағи бақияи қарзи андоз нисбат ба 1-уми январи соли 2019, ба маблағи -264 ҳаз. сомонӣ кам карда шуда, (ба ҳолати 01.04.2019 с., бақияи қарзи андоз 2,7 млн. сомонӣ мавҷуд) мебошад, ки ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода -235,9 ҳаз. сомонӣ (5,1 млн. сомонӣ), Ҳисор -224,8 ҳаз. сомонӣ (9,4 млн. сомонӣ), Лахш -88,3 ҳазор сомонӣ (3,27 млн. сомонӣ), ташкил додааст.

Тамоюли зиёдшавии бақияи қарзи андоз нисбат ба 01.01.2019, дар шаҳру ноҳияҳои Роғун +527 (бақияи қарзи андоз ба ҳолати 01.04.2019 с., 1,7 млн. сомонӣ мавҷуд мебошад), Рудакӣ +425,7 ҳазор сомонӣ (7,5 млн. сомонӣ), Сангвор +367,3 ҳазор сомонӣ (482,7 ҳазор сомонӣ), Ваҳдат +135,9 ҳазор сомонӣ (11,6 млн сомонӣ), Тоҷикобод +92,3 ҳазор сомонӣ (1,5 млн. сомонӣ), Файзобод +62 ҳазор сомонӣ (1 млн сомонӣ) ва н. Нуробод 35,8 ҳазор сомонӣ (287,4 ҳазор сомонӣ) ба назар мерасад, ки имконияти молиявии рушди иҷтимоӣ иқтисодии ин ноҳияҳоро маҳдуд гардонидааст.

Маблағҳои калони умумии бақияи андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор 9,4 млн. сомонӣ, Рӯдакӣ 7,5 млн. сомонӣ, Турсунзода 5,1 млн. сомонӣ, Ваҳдат 2,7 млн. сомонӣ мавҷуд буда, ҷиҳати кам намудани онҳо, ва пурзӯр намудани фаъолиятро дар якҷоягӣ бо нозироти андоз тақозо менамояд.

### 3.4. Қарзи музди меҳнат

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қарздории музди меҳнат дар ташкилоту муассисаҳои давлатие, ки аз буҷет маблағгузорӣ мешаванд, мавҷуд набуда, қарзи музди меҳнат ба 1 апрели соли 2019 дар ташкилоту маассисаҳои ғайрибуҷетӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат -0,9 млн. сомонӣ (905 ҳаз. сомонӣ), Ҳисор -210 ҳазор сомонӣ (415,5 ҳазор сомонӣ), Шаҳринав -163,6 ҳазор сомонӣ (52,6 ҳазор сомонӣ) Рӯдакӣ -8,3 ҳазор сомонӣ ( 437 ҳазор сомонӣ) кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Роғун нисбати ба соли гузашта +2 млн. сомонӣ зиёд мебошад, (7,8 млн. сомонӣ мавҷуд мебошад) ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Қарздории калони музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 7,8 млн. сомонӣ, Ваҳдат 900 ҳазор сомонӣ, Турсунзода 630 ҳазор сомонӣ, Рӯдакӣ 437 ҳазор сомонӣ ва Ҳисор 415,5 ҳаз. сомонӣ ба назар мерасад, ки барои пешбурди зиндагии аҳолӣ мушкилот пеш оварда, ҷиҳати бартараф намудани камбудӣ баланд бардоштани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва Вазорати

меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад.

### 3.5. Музди миёнаи меҳнат

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат +200,08 сомонӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (музди миёнаи меҳнат дар соли 2019 1192,1 сомонӣ), Рӯдакӣ +171,2 сомонӣ (1071,8 сомонӣ), Ҳисор +139,8 сомонӣ (920,8 сомонӣ), Нуробод +132 сомонӣ (985 сомонӣ), Тоҷикобод +126 сомонӣ (804,2 сомонӣ), Турсунзода +119,8 сомонӣ (1012,4 сомонӣ), Шаҳринав +118,4 сомонӣ (742,7 сомонӣ), Файзобод +114,4 сомонӣ (831,1 сомонӣ), Лахш +109 сомонӣ (779,3 сомонӣ), Сангвор +108 сомонӣ (881,2 сомонӣ), Роғун +88 сомонӣ (2103 сомонӣ), таъмин карда шуда, ба сатҳи зиндагии мардум таъсири мусбӣ расонидааст.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Роғун (2103 сомонӣ), Ваҳдат (1192,1 сомонӣ), Рӯдакӣ (1071,8 сомонӣ) ва Турсунзода ( 1012,4 сомонӣ ) ва нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияи Шаҳринав (686 сомонӣ) таъмин карда шудааст, ки раванди мусбӣ ва манфии рушди иҷтимоию иқтисодии онҳоро инъикос менамоянд.

### 3.6. Корҳои андешидашуда ҷиҳати ташакул додани сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллӣ:

Дар ноҳияи Лахш ҷиҳати ташаккул додани сарчашмаҳои иловагии буҷети маҳаллӣ, тибқи нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардида, масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва нозироти андози ноҳия вазифадор карда шудааст, ки нисбати соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳиро ҷоннок намуда, дар эъломияҳои андоз шумораи аслии коргарони кироя, музди меҳнати воқеан пардохтшаванда ва даромади андозбандишавандаро пурра дарҷ намоянд.

Дар ноҳияи Нуробод аз ҳисоби ба истифода додани корхонаҳои нави саноатӣ, фаъолияти дурусти корхонаҳои мавҷуда бо иқтидорҳои пурра, амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таҷдиди аксарияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дар заминаи он таъсиси хоҷагиҳои деҳқонии нав ва дигар иншоотҳои хизматрасонию маишӣ сарчашмаи нави иловагии буҷети маҳаллӣ таъмин карда мешавад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Варзоб, Рудакӣ, Ҳисор, Ваҳдат, Шаҳринав, Роғун, Сангвор, Тоҷикобод ва Файзобод чораҳои зарурӣ ба монанди болозикр дарҷ гардиданд.

Пешниҳод: мақомоти нозироти андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои таъмини нақшаи даромади буҷети шаҳру ноҳияҳо хусусан шаҳри Ваҳдат, иҷрои сифатии намуди андозҳо, кам намудани бақияпулиҳои андоз, баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо, огоҳиномаҳо фаъолияти кориашонро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат чораҳои зарурӣ андешида, тамоюли зиёдшавии онро дар шаҳру ноҳияҳо мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

**4. Таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 18, 20-и паём) Нишондоди пешакии рушди соҳибкорӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 4.1. Тамоюли каму зиёдшавии шумораи соҳибкорон, 4.2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим, 4.3. Ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзиши бо соҳибкорон 4.4. Дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ, 4.5. Ҳамкории соҳибкорон бо Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ" арзёбӣ гардиданд.**

**4.1. Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон**

Ба ҳолати 1 апрелии соли 2019 зиёдшавии шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод +770 нафар (ҳамагӣ шумораи соҳибкорон 4245 нафар), Ваҳдат +421 нафар (12475 нафар), Рӯдакӣ +380 нафар (10409 нафар), Ҳисор +336 нафар (7998 нафар), Турсунзода +124 нафар (4261) нафар, Тоҷикобод +93 нафар (1400 нафар), Лахш +92 нафар (2352 нафар), Шаҳринав +63 нафар (2246 нафар), Роғун +29 нафар (1284 нафар), Варзоб +25 нафар (1396 нафар), Нуробод +19 нафар (908 нафар) ва Сангвор +13 нафар (713 нафар) ба назар расида, рафти таъмини беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

**4.2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим**

Нишондодҳои маҷмӯи маблағҳои сармояҳои ҷалбшуда дар соли 2019, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар доираи лоиҳаҳои амалишаванда, ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим, рафти амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 7 лоиҳа маҷмӯи сармояи ҷалбшуда 41,1 млн. сомонӣ, Нуробод 11 лоиҳа ба маблағи 27,06 млн. сомонӣ, Турсунзода 3 лоиҳа 21,01 млн.доллари ИМА, Шаҳринав 1лоиҳа ба маблағи 1,8 млн. сомонӣ, Ваҳдат 3 лоиҳа ба маблағи 975,0 ҳазор сомонӣ, ҷалб шуда, амалигардонии лоиҳаҳои пешбинигардида барои таъмини нишондиҳандаи ҷалби сармоягузорӣ барои рушди соҳибкорӣ замина гузошта, ба раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо рафти омода намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ маълумот пешниҳод нагардидааст аз фаъолияти сусти шуъбаи сармоягузории ин шаҳру ноҳияҳо шаҳодат медиҳад.

**4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ, ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори Нақша чорабиниҳо оид ба амалӣ

намудани 300 рӯзи ислоҳот оиди дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.03.2019 сол, №95 тасдиқ гадидааст чунин иттилоъ медиҳад:

Вобаста ба татбиқи қонун "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" масъулон мунтазам корбарӣ намуда, батанзимдарории фаъолияти иҷозатдиҳиро таҳти назорати доимӣ қарор дода шудааст.

Бо мақсади муайян намудани мушкилоту монеаҳои рушди соҳибкорӣ оиди дастовардҳо ва камбудиҳои соҳа ҷиҳати дастгирии соҳибкорон ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳо Шӯрои дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ фаъолият менамояд. Шӯро дар ҳамкорӣ ба соҳибкорони ҳудуди шаҳру ноҳияҳо вобаста ба ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта корбарӣ менамояд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон сохторҳои марбутаи бо соҳибкорон ҳамкорӣ намуда, дархосту пешниҳодҳои онҳо оиди ташкили корхонаҳои хурд ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ зери назорати доимӣ қарор дошта дар таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, кӯмакҳои амалӣ мерасонад. Дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони маҳаллӣ, лоиҳаҳои сармоягузории грантӣ таҳия намуда, ба Вазорату идораҳои дахлдор ирсол намуда истодааст. «Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016 , №381 қабул гардидааст. Дар ин замина лоиҳаи дахлдор вобаста ба шароити маҳал таҳия гардида барои амалӣ гардидан ба барномаи мазкур ворид карда шудааст. Барои амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда мешаванд.

### 4.5 (4.6) Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ

Дар семоҳаи аввали соли 2019 дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз ҳисоби зиёд гардидани маблағи қарз дар шаҳри Турсунзода 4957 нафар соҳибкор ба маблағи пулӣ +12 млн 810 ҳазор сомонӣ маблағи қарзи бонкии гирифтаи соҳибкорон 56 млн 926 ҳазор сомонӣ буда, ш.Ҳисор 5967 нафар соҳибкор +9 млн 800 ҳазор сомонӣ (57,58 млн. сомонӣ), дар н.Рӯдакӣ 1898 нафар +6,5 млн. сомонӣ (21 млн. 932 ҳазор сомонӣ), н.Шаҳринав 941 нафар +822 ҳазор сомонӣ (7 млн. 503 ҳазор сомонӣ) ба назар мерасад, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо заминаи муайян гузошта шудааст.

Вобаста аз шароити фароҳамовардашуда барои дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ дар ноҳияҳои Файзобод 184 нафар соҳибкорони қарзгиранда маблағӣ 166,3 ҳазор сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта +63,8 ҳазор.сомонӣ зиёд), дар н.Рашт 22 нафар соҳибкорони қарзгиранда маблағи 1 млн. 695,2 ҳазор сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта +37,7 ҳазор зиёд), дар н.Варзоб 48 нафар

соҳибкорони қарзгиранда маблағи 2 млн. 131 ҳазор сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта +34,2 ҳазор зиёд), дар н.Сангвор 12 нафар соҳибкорони қарзгиранда ҳамагӣ бо маблағи 55 ҳазор сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта +28,5 ҳазор сомонӣ зиёд), дар ш.Ваҳдат 4742 нафар соҳибкорони қарзгиранда ҳамагӣ бо маблағи 42 млн. 21 ҳазор сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта +1,2 ҳазор сомонӣ зиёд), таъмин карда шудаанд,

Ин нишондиҳанда дар н.Лахш 45 нафар соҳибкорони қарзгиранда маблағи 311,3 ҳазор сомонӣ (нисбати соли гузашта -669,7 ҳазор сомонӣ кам), дар н.Тоҷикобод 4 нафар соҳибкори қарзгиранда маблағи 62,3 ҳазор сомонӣ (нисбати ҳамин давраи соли гузашта -4,8 ҳазор сомонӣ кам), сомонӣ кам гардидааст, ки омӯзиши сабабҳои худ ва барои бартараф намудани онҳо андешидани чораҳои зарурииро талаб менамояд.

Нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ дар шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Шаҳринав дида шуда, аз беҳтар будани фаъолияти марказҳои хизматрасонии бонкӣ, мавҷуд будани соҳаҳои ҷолиби соҳибкорӣ далолат медиҳад.

Пешниҳод: Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, барои амалишавии ваколатҳои онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ, мусоидат намуда, омӯзиши мушкилоти онҳо ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориро тақвият бахшанд.

Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ, паст намудани фоизи маблағи қарзҳои бонкии ҷудогардида ва дар ин замина дароз намудани муҳлатҳои қарзӣ, мавриди омӯзиш қарор гирифта шаванд.

Дар семоҳаи аввали соли 2019 тибқи маълумотҳои дастрасгардида дар шаҳри Ваҳдат ҷиҳати ҳамкорӣ бо муассисаи давлатии «Фонди дастгирии»-и соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодаи маблағҳои ҷудошудаи грантҳои президентӣ дар вохурӣ бо соҳибкорон маълумотҳои зарурӣ дода мешаванд. Айни ҳол аз тарафи занони соҳибкори маҳаллӣ (Содиқова Шамсия, Асадуллоева Ҳалима, Ойматова Зебо) бо мақсади истифода намудан аз грантҳои президентӣ як қатор лоиҳаҳо (ҷиҳати рушди ҳунарҳои мардумӣ, дӯзандагӣ, сабадбофӣ, зардузӣ, қаннодӣ) пешниҳод гардидааст.

Аз тарафи Фонди дастгирии соҳибкорӣ ба соҳибкор шаҳри Турсунзода Курбонов Зафар ҷиҳати рушди истеҳсолот қарзҳои хурди имтиёзнок дар ҳаҷми умумии 3 млн сомонӣ ва ба соҳибкор Мадрахимов Шавкат 2 млн. сомонӣ, ҷиҳати рушди истеҳсолот доир ба истеҳсоли маҳсулоти хурока дода шудааст, ки айни ҳол маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо воридотивазкунанда буда, ба содирот нигаронида шудаанд.

Тибқи маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод соҳибкорони ноҳия барои гирифтани қарз ва грантҳо аз

Муасиссаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳа пешниҳод накардаанд.

Дар ҳисоботҳои боқимонда шаҳру ноҳияҳо дар се моҳаи аввали соли 2019 вобаста ба ҳамкори бо муассисаи “Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти пурра ва дақиқ пешниҳод карда нашудааст аз ин лиҳоз арзёби нагардидаанд.

## 5. Рушди соҳаи саноат
## (бандҳои 11, 12 ва 28-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иктисодӣ 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Шумораи корхонаҳои нав, аз фаъолият бозмонда ва таъсиси ҷойҳои корӣ, 5.3. Ҷарби сармояи мустақим, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, 5.4. Таъмини корхонаҳои нассоҷӣ бо нахи пахта 5.5. Фаъолияти корхонаҳои коркарди маҳсулоти ширӣ 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ арзёбӣ гардидаанд.**

### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Дар соли 2019 нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 397% таъмин карда шуда, (маблағи умумии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот 140 млн 609,7 ҳазор сомонро ташкил дода) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи +105265,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, Файзобод 273% (7 млн 099,1 ҳазор сомонӣ) +4500,1 ҳазор сомонӣ, Роғун 231% (51 млн. 696,9 ҳазор сомонӣ), +29327,6 ҳазор сомонӣ, Шаҳринав 171% ( 6 млн. 922,7 ҳазор сомонӣ) +2882,2 ҳазор сомонӣ, Лахш 126,8% (2 млн 533,1 ҳазор сомонӣ) +534,9 ҳазор сомонӣ, Турсунзода 115,4% (212 млн. 486,2 ҳазор сомонӣ) +28647,5 млн. сомонӣ, Рӯдакӣ 114,5% (71 млн 042,4 ҳазор сомонӣ) +8982,6 ҳазор сомонӣ, Сангвор 106,9% (153 ҳазор сомонӣ), +10 ҳазор сомонӣ, Тоҷикобод 110,3% (1млн. 039 ҳазор сомонӣ), Ҳисор 106% (47 млн 900 ҳазор сомонӣ) +2,9 ҳазор сомонӣ, Нуробод 152% (1 млн 014 ҳазор сомонӣ) +58,3 ҳазор сомонӣ ба ғайр аз ноҳияи Варзоб 83,7% (4 млн 798,6 ҳазор сомонӣ) -932,9 ҳазор сомонӣ таъмин карда шудааст, ки дар инкишофи рушди устувории саноати ҷумҳурӣ дар шакли индустриалӣ аграрӣ замина гузошта истодааст.

Дар 3 моҳи аввали соли 2019 таносуби ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноати нисбат ба ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 25 маротиба, Турсунзода 8 маротиба, Рӯдакӣ 197%, Ваҳдат 162,9% ва Ҳисор 94,7%, бартарӣ дошта, барои нишондиҳандаи рушди саноат замина гузошта шуда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб 57,8%, Рашт 56%, Шаҳринав 45%, Лахш 34%, Файзобод 21%, Тоҷикобод 7,6%, Нуробод 4,6%, Сангвор 0,3% ташкил намудааст, ки барои таъмини нишондиҳандаи рушди саноат нокифоя мебошад.

**5.2. Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ,**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат, Роғун, Файзобод, Тоҷикобод, Нуробод, Шаҳринав, Рашт ва Лахш оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 с, № 503 «Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» қарорҳои дахлдори худро ба тавсиб расонидаанд.

Бо мақсади афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ давоми моҳҳои январ-марти соли 2019 корхонаҳои ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда машғул буда, ба маблағи 22 млн. 331,4 ҳазор сомонӣ маҳсулотҳои воридотивазкунанда истеҳсол намудаанд. Аз ҷумла, ҶДММ «Амирӣ» ва ҶДММ «Вела-Тоҷикистон» ба истеҳсоли маҳсулотҳои қаннодӣ, ҶДММ «Назиф» ба истеҳсоли қоғази ташноб, ҶДММ «Гулшан-2010» ба маҳсулоти коркарди помидорӣ (кетчуб), ҶДММ «Ангара» ба истеҳсоли алибастер, ҶСП «ММД» ва ҶДММ «Шоҳона» ба истеҳсоли маҳсулоти спиртӣ, ҶДММ «Софӣ» ба истеҳсоли маҳсулоти қоғази тар (влаженная салфетка), ҶДММ «Тоҷ Фейза» ва ҶДММ «Мавлонои Румӣ» ба истеҳсоли қолин, ҶДММ «Сино-2013», ҶДММ «Тиб барои Шумо» ва ҶДММ «Олим Фарм» ба истеҳсоли маҳсулотҳои доруворӣ, ҶДММ «Арай ТҶ» ба коркарди равғани растанӣ ва ҶДММ «Тенгма», «Баҳром-2016», «Аҷам-2016» ва «Чен-Шан» ба истеҳсоли маҳсулотҳои сузишворӣ машғул мебошанд.

Дар шаҳри Ҳисор сохта ба истифода додани корхонаи истеҳсоли коғаз ва маҳсулоти қоғазӣ ҶДММ “Коғази Шарора”, коргоҳи коркарди шир дар назди ҶСК “Авитсенна”, коргоҳи истеҳсоли бомпӯш дар назди ҶДММ “Истеҳсоли труба ва профили тоҷик”, коргоҳи истеҳсоли бомпӯш аз ҷониби ҶДММ “Анас Одина”, корхонаи бастабандии ҷуворимака бо иқтидори истеҳсолии 1,5 тонна маҳсулот дар як рӯз, назаррас мебошад.

Дар самти коркард, бандубаст ва афзоиш додани содироти меваю сабзавот дар ноҳияи Файзобод корхонаҳои хурди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба монанди ҶДММ “Маҳсулоти табиӣ”- истеҳсоли афшураи меваю сабзавот, ҶДММ “Мусаффо”-истеҳсоли обҳои ранга, ҶДММ “Гулоб”- истеҳсоли консерваи меваю сабзавот ба роҳ монда шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода бошад як коргоҳ дар ҶДММ «Агросаноат» барои истеҳсоли хӯроки омехтаи чорво бо технологияи иноватсионӣ, бо иқтидори дар як соат як тонна, дар Ҷ/д Регар деҳаи Негматбача ифтитоҳ гардидааст.

Дар ноҳияи Нуробод бинобар сабаби истеҳсоли ками маҳсулоти ками содирот ва воридотивазкунанда имконияти содироти молу маҳсулотро ба бозорҳои истеъмолии кишвар ва бозорҳои минтақавию ҷаҳон маҳдуд гардонида шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод сехҳои хурди банду басти меваю сабзавот, сехи мевахушконӣ, сехи қаннодӣ, гармхона барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ва сехи тунукабарорӣ ба фаъолият оғоз намудаанд.

Корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҳисор , Турсунзода, Рӯдакӣ ва Нуробод ба рушди соҳаи саноат мусоидат намуда, ташкили ҷойҳои нави корӣ, зиёд гардидани пардохтҳо ба буҷет ва боздоштани хориҷшавии асъор аз ҷумҳурӣ мусоидат намудааст.

### 5.3. Ҷарби сармояи мустақим, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ (банди 12 паём)

Дар ноҳияи Тоҷикобод аз тарафи ташкилоти хориҷии "USAID" ба 5 нафар занони хонанишини соҳибҳунар ба маблағи 5 ҳазор долларии амрикоӣ грант барои харидории таҷҳизотҳои истеҳсолӣ ҷудо гардидааст, ки дар ин асос се коргоҳи хурди дӯзандагӣ, як коргоҳи хурди қаннодӣ, як "Кошонаи ҳусн" ба кор шурӯъ намуданд ва 25 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Дар ноҳияи Файзобод амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти ҷалби сармояи мустақим ва маблағҳои грантӣ дар давоми соли ҷорӣ амалигардонии зиёда аз 5 адад лоиҳаҳо ба нақша гирифта шудааст. Дар давоми соли ҷорӣ 120 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор дар 3 моҳи соли 2019 бинобар фаъолияти мавсимӣ доштан 20 корхона аз фаъолият бозмондааст, ки аз ин 15 адад корхонаҳои хишти бинокорӣ, хишти сементӣ ва маҳсулоти сементӣ, 1 адад корхонаи истихроҷи ангишт, 1 адад корхонаи коркарди намаки ошӣ, 2 адад корхонаи истеҳсоли обҳои ташнашикан ва 1 адад корхонаи коркарди пахта мебошад.

Дар ноҳияи Шаҳринав дар семоҳаи соли 2019 ҷиҳати амалӣ намудани барномаҳои қабулгардидаи соҳаи саноат ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ноҳия 4 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст. Корхонаи ҶДММ "Орди Шаҳринав", ки аз соли 2016 аз фаъолият боз монда буд, ба фаъолият шурӯъ намуда, дар давраи ҳисоботӣ 186 тонна орд, 80 тонна сабӯс ба маблағи 627 ҳазор сомонӣ истеҳсол намудааст.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ давоми 3 моҳи соли 2019 3 корхонаҳои саноатии истеҳсолӣ ба ба монанди ҶДММ «СКА МИР» ба коркарди маҳсулоти пластикӣ, ҶДММ «Олим Фарм» ба истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ ва ҶДММ «Арай ТҶ» ба коркарди равғани растанӣ фаъолиятро оғоз намудаанд.

Дар ноҳияи Нуробод дар самти ҷалби сармояи мустақим дар давоми соли ҷорӣ амалигардонии зиёда аз 8 адад лоиҳаҳо ба нақша гирифта шуда, бобати сохта ба истифода додани корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ дар ноҳия дар соли 2019 ба истифода додани корхонаи истеҳсоли гӯшту шир нақша гирифта шудааст. Дар давоми соли ҷорӣ тибқи маълумоти шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия 109 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст.

Дар ноҳияи Варзоб аз сабаби мавсими будани корхонаҳои саноатӣ дар се моҳи соли ҷорӣ танҳо 2 адад корхона фаъолият намудааст, ки ин ҶДММ «39–Паралель» ва Корхонаи бойгардонии Такоб мебошанд.

Дар маълумотҳои шаҳри Роғун ва ноҳияи Сангвор доир ба банди мазкур маълумот дарҷ нагардидааст.

## 5.4. (5.5) Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ пахта, пилла, пуст ва пашм, шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо,

Дар шаҳри Турсунзода корхонаи коркарди нахи пахта фаъолият дорад, ки дар соли ҷорӣ зиёда аз 3965 тн пахтаро коркард кардаааст.

Таҳлилҳо муайян намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат тибқи дурнамо соли 2018 истеҳсоли пилла ба 28,2 тонна расонида шуда, дар ин давра 30,1 тн. пилла истехсол гардидидааст, ки 106,7%-и дурнамо буда, фуруши он ба корхонаҳои ватанӣ дар назар дошта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияи Шаҳринав ҶДММ "Сафо 2015" фаъолият намуда, дар ин давра 9 тонна маҳсулоти ширӣ ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ истеҳсол намудааст. Дар ин раванд шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 24,6 тонна ба маблағи 121539 сомонӣ, Файзобод ба маблағи 72,5 ҳазор сомонӣ, Нуробод 1 корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ, ба маблағи 21,2 ҳазор сомонӣ маҳсулоти ширӣ истеҳсол намудаанд.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҳисор ва Ваҳдат маълумот омода карда нашудааст.

## 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ

Тибқи таҳлили маълумотҳо муайян карда шуд, ки вобаста ба чараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба таври дахлдор ба роҳ монда шудааст:

Аз ҷумла дар ноҳияи Варзоб 1 коргоҳи хурди дӯзандагӣ атласу адрасбофӣ бо теъдоди 3 нафар корманд ва 5 дастгоҳ, Нуробод маркази омӯзишии атласу адрасбофӣ, ки дар давоми 3 моҳи соли ҷорӣ зиёда аз 20 нафар занону духтарон, Турсунзода 35 коргоҳҳои дӯзандагӣ ва дар онҳо 202 нафар занону духтарон бо шуғли доимӣ таъминанд, Файзобод 1 маркази омӯзишии атласу адрасбофӣ фаъолият менамояд, ки дар давоми 3 моҳи соли ҷорӣ зиёда аз 8 нафар занону духтарон ҷалб карда шудааст. Шаҳринав 7 адад дӯкони адрасбофӣ барои омӯзонидани занони хонашин ба ҳунари адрасбофӣ фаъолият менамоянд.

Ҷиҳати фаъолияти сеххои қолинбофӣ дар шаҳри Турсунзода 12 дастгоҳи хурди қолинбофӣ мавҷуд буда, зиёда аз 20 нафар бонувон касб меомӯзанд.

Ҷиҳати фаъолияти сеххои духти либосҳои мактабӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ аз 1 январи соли ҷорӣ коргоҳи ҶДММ "Ахтари Вахш" бо 30 мошинаи дарздӯзӣ ба дӯхтани либоси мактабӣ ба фаъолият шурӯъ намудааст.

Дар ноҳияи Лахш 1 коргоҳи дузандагии "Сумая" оид ба истеҳсоли либосҳои мактабӣ ба миқдори 6504 адад шартнома баста шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор ҷараёни фаъолияти сеххои духти либоси мактабӣ барои солҳои 2019-2020 бо корхонаҳои дӯзандагии “Даҳбед”, “Нури ирфон”, “Коллеҷи омӯзгорӣ” ва “ Мақсад” шартномаҳо баста шуда, дар маҷмуъ 34000 адад либоси ягонаи мактабӣ дӯхта ба истифода дода мешавад.

Дар ноҳияи Шаҳринав 35 адад дастгоҳҳои дӯзандагӣ мавҷуд аст, ки он имконияти истеҳсоли 13100 адад сарулибоси мактабиро дорад.

Дар шаҳри Ваҳдат соли 2019 бо коргоҳҳои дузандагии маҳаллӣ ҶДММ «Мафтуна», ҶДММ «Марям» ва «Олими-Хуҷандӣ» ба миқдори 30 ҳазор адад шартнома баста шуда, ки баробари 71,5 фоизи нақша мебошад.

Дар ноҳияи Тоҷикобод 5 адад коргоҳи духти либосҳои мактаби мавҷуд буда, духти 5424 ҷуфт сару либос ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Сангвор, Роғун ва Рашт маълумот пешниҳод нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда фаъолиятро пурзур намуда ҷиҳати баланд бардоштани истеҳсолот дар ноҳияҳои Варзоб, Рашт, Шаҳринав, Лахш, Файзобод, Тоҷикобод, Нуробод ва Сангвор ва таъмини ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба санотикунонии мамлакат чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

## 6. Маълумот оид ба рушди энергетика
## (банди 10-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида, 6.2. Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ, 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ, 6.4. Фоизи талафоти барқ арзёбӣ гардиданд.**

### 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида

Таҳлили нишондиҳандаи ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида муайян менамояд, ки дар дар соли 2019 ҳаҷми барқи истифода шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +19,5 млн. кВт/соат, Рӯдакӣ +13,2 млн. кВт/соат, Ҳисор +5млн. кВт/соат, Ваҳдат +4,7млн. кВт соат, Файзобод +3,6 млн. кВт/соат, Нуробод +1,3 млн. кВт/соат, Роғун +0,6 млн. кВт/соат, Сангвор +0,3 млн. кВт/соат, зиёд гардидааст, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо замина гузоштааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав -4,7 млн. кВт/ соат, Варзоб -3,7 млн. кВт/ соат, Лахш -2,4 млн. кВт/соат ва Тоҷикобод -0,2 млн. кВт/соат ҳаҷми истифодаи қувваи барқ кам гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 38 адад нерӯгоҳҳои хурди барқӣ фаъолият дошта (17 адад аз фаъолият бозмонда), дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод 1 адад (12 адад), Варзоб 2 адад (6 адад), Ҳисор 4 адад (3 адад), дар Турсунзода 3 адад, дар ноҳияҳои Шаҳринав, Лахш ва Рашт 2 ададӣ, дар ноҳияи Тоҷикобод 1 адад мавҷуд мебошад, ки фаъолияти мунтазами он барои зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Роғун, Сангвор ва Файзобод нуругоҳҳои хурди барқӣ мавҷуд надорад.

### 6.2. Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ

Дар семоҳаи аввали соли 2019 ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ нисбат ба 1 январи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ +5955 адад (дар маҷмуъ 58566 адад ), Турсунзода +3452 адад (38130 адад), Нуробод +1668 адад (5961 адад), Файзобод +1196 адад (11680 адад), Ҳисор +1126 адад (19252 адад), Варзоб +974 адад (3217 адад) Шаҳринав +890 адад (12611 адад), Лахш +526 адад (4346 адад), Роғун +400 адад (4450 адад) Ваҳдат +353 адад (36870 адад), Сангвор +222 адад (1118 адад ), Рашт +148 адад (473 адад) ва Тоҷикобод +62 адад (186 адад) адад нисбати ҳамин давраи соли гузашта зиёд шуда, заминаи таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шуда истодааст.

### 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ

Дар семоҳаи аввали соли 2019 қарзи умумии истифодаи барқ нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ +32,4 млн. сомонӣ (ҳамагӣ дар соли 2019 120 млн. сомонӣ), Турсунзода +7,3 млн. сомонӣ (38,4 млн. сомонӣ), Тоҷикобод +1,1 млн. сомонӣ (6,8 млн. сомонӣ), Нуробод +0,3 млн. сомонӣ (0,5 млн. сомонӣ) Шаҳринав +38 ҳазор сомонӣ (1,1 млн. сомонӣ), зиёд гардидааст, ки имконияти молиявии таъмини нишондоди рушди энергетикаро маҳдуд гардонидааст.

Ин нишондод дар шаҳру ноҳияҳои Роғун -2,6 млн. сомонӣ (3,1млн. сомонӣ), Ҳисор -1,4 млн. сомонӣ зиёд (6,1 млн. сомонӣ), Ваҳдат-1,4 млн. сомонӣ (7,3 млн. сомонӣ), Сангвор ин нишондод -0,27 млн. сомонӣ (0,77 млн. сомонӣ), Файзобод -0,12 млн. сомонӣ (10,2 млн. сомонӣ), Лахш -90,8 ҳазор сомонӣ (0,6 млн. сомонӣ), Варзоб -43,5 ҳазор сомонӣ (0,8 млн. сомонӣ) нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам гаштааст, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳо байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ҳудудии ШСХК “Барқи тоҷик”-ро нишон медиҳад.

Маблағи калони қарзи истифодаи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Турсунзода, Файзобод, Ваҳдат, Тоҷикобод, Ҳисор, Роғун, мавҷуд мебошад, ки андешидани чораҳои заруриро талаб менамояд.

### 6.4. Фоизи талафоти барқ

Дар семоҳаи аввали соли 2019 нишондиҳандаи фоизи талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 16,6% (-1,4% нисбати соли гузашта кам

гардидааст), Тоҷикобод 16,3% (-0,6%), Нуробод 16% (-0,5%), Варзоб 16% (-0,2%), Ҳисор 15,7% (-0,4%), Роғун 15,7% (-0,4%) Шаҳринав 15,6% (-2,4%) ва Файзобод 14% (-3,0%) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардида барои таъмини рушди энергетика шароит фароҳам оварда шуда , самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа ба назар мерасад.

Дар ноҳияҳои Сангвор 17,6% (+0,4%), Ваҳдат 17,3% (+1,2%), Лахш 15,9% (+0,4%) ва Турсунзода 14% (+0,5%) дар сатҳи соли гузашта боқи мондааст, ки чораҳои андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа барои кам кардани талафоти барқ нокифоя мебошад.

Корҳои анҷом додашуда оид ба кам кардани талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои, Рӯдакӣ, Тоҷикобод, Нуробод, Варзоб, Ҳисор, Роғун, Шаҳринав ва Файзобод барои таъмини нишондиҳандаи рушди энергетика мусоидат намуда, дар ноҳияҳои Сангвор, Ваҳдат, Лахш ва Турсунзода зиёд гардидани талафоти барқ мушоҳида гардида андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Нишондиҳандаи манфии баланди фоизи талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои Сангвор, Рӯдакӣ, Тоҷикобод, Нуробод, Ваҳдат, Варзоб, ва Ҳисор ба назар мерасад, ки баланд бардоштани самаранокии фаъолиятро талаб менамояд.

Пешниҳод: ШСХК "Барқи Тоҷик", мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои истифодаи нерӯи барқ, чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

## 7.Ҳифзи амнияти озуқаворӣ
## (банди 3, 10 паём)

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 7.1 Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. Истифодаи оқилонаи обу замин, 7.3. Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ, 7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда, 7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ, 7.6.Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ, 7.7.Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо, 7.8. Ҳолати ҷамъоварии маблағҳои ҳаққи хизматрасонии истифодаи оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он, 7.9. Рафти иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ, 7.10. Ба роҳ мондани фаъолияти Ассосиатсияи истифодабарандагони об, механизми ба онҳо вобаста кардани шабакаҳои обёрии дохилӣ-хоҷагӣ ва таъсис додани заминаи моддию техникии онҳо, 7.11. Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ арзёбӣ гардиданд.**

**7.1.** (7.12) **Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ**

Дар семоҳаи аввали соли 2019 нишондиҳандаи баланди суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод 151,7%, Ваҳдат 108,8%, Лахш 108,5%, Сангвор 108,5%, Рӯдакӣ 107,2%, Шаҳринав 104,7%, Турсунзода 103,2% ва Нуробод 103,1%, таъмин кардаанд, ки ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои ва Роғун 100,7% Ҳисор 102,2%, Тоҷикобод 102,8%, Рашт 102,5%, буда, заминаи таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқавориро марҳила ба марҳила гузошта истодааст.

Нишондиҳандаи мазкур дар н. Варзоб 81,4,% нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки кишоварзони ин ноҳияро водор месозад, ки сабабҳои таъмин нагардидани суръати афзоишро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо чораҳои заруриро пешбинӣ намоянд.

**7.2.** (7.8, 7.10) **Истифодаи оқилонаи обу замин**

Дар семоҳаи аввали соли 2019 барои вориднамудани заминҳои бекорхобида ва аз худкунии заминҳои нав дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 6,83 га ва Файзобод 8 га заминҳои бекорхобида аз худ карда шудааст, ки барои баланд бардоштани маҷмуи маҳсулоти кишоварзи замина гузошта шудааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2019 дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ азхудкунии заминҳои нав ба қайд гирифта нашудааст.

Аз истифодаи оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он дар шаҳру ноҳияи Рӯдакӣ +158 ҳазор сомонӣ (694,5 ҳазор сомонӣ дар маҷмуъ), Турсунзода +14,2 ҳазор сомонӣ (209,8 ҳазор сомонӣ), Лахш +61,8 ҳазор сомонӣ (180,6 ҳазор сомонӣ) ва Тоҷикобод +5,2 ҳазор сомонӣ (47,5 ҳазор сомонӣ) зиёд гардидааст, ки ҷоннок намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва сохтори ҳудудии Агенти беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо намуда, таъминоти молиявии соҳаро маҳдуд гардонидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав -84 ҳазор сомонӣ (262 ҳазор сомонӣ), Рашт -18,1 ҳазор сомонӣ (133,1 ҳазор сомонӣ), Файзобод -11 ҳазор сомонӣ (205 ҳазор сомонӣ) ва Ҳисор -0,3 ҳазор сомонӣ (1,6 ҳазор сомонӣ) нисбати ҳамин даврараи соли гузашта кам гардида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва сохтори ҳудудии агенти беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шудааст.

Ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби полезӣ дар ноҳияҳои Рӯдакӣ 11 адад ва Тоҷикобод 1 адад таъмин карда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат, Роғун, Варзоб, Шаҳринав, Рашт, Нуробод, Сангвор, Лахш ва Файзобод барои ташкил

намудани Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби полезӣ пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва сохтори ҳудудии агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён омадааст.

**7.3. (7.4, 7.5, 7.7, 7,9) Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ**

**7.3 Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ**

Дар семоҳаи аввали соли 2019 ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ, дар ноҳияи Лахш тибқи дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ, дар майдони 2800 гектар кишти картошка, 771 гектар зироатҳои ғаладонагӣ ва дар майдони 125 гектар кишти сабзавот пешбинӣ гардидааст.

Дар шаҳри Ҳисор бо истифода аз тухмиҳои хушсифат дар майдони умумии 8 ҳазору 601 гектар зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ кишт карда шуданд.

Дар ноҳияи Шаҳринав 350 гектар кишти пахта ба нақша гирифта шудааст ва хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия аз тухмиҳои босифати худӣ барои кишт васеъ истифода мебаранд.

**7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда**

Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ +2 гектар (12,5 гектар), Турсунзода +1,9гектар (17,2 гектар дар маҷмуъ), Ҳисор +0,21 гектар (4,5 гектар), Шаҳринав +0,11гектар (4,6 гектар), Ваҳдат +1,7 гектар, Рашт +0,03 (0,25 гектар) ва Тоҷикобод +-0 гектар (2 гектар), зиёд гардида самаранокии фаъолият таъмин гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб, Роғун, Нуробод, Сангвор, Лахш ва Файзободро ташкил ва васеъ намудани гармхонаҳои доимоамлкунанда, ҳамчун масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд, ки андешидани чораҳои зарурӣро тақозо менамоянд.

**7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ,**

Дар даври ҳисоботи ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ саҳми шаҳри Роғун бо маҳсулоти гӯшт 101,2 тонна, шир 100 тонна ва тухм 99,3 ҳазор дона ба назар расида, дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Рӯдакӣ, Ҳисор Ваҳдат, Шаҳринав, Рашт, Нуробод, Сангвор, Тоҷикобод, Лахш ва Файзобод вобаста аз мавсими ҳосилғундорӣ содироти он ба роҳ монад мешавад.

**7.7.Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо**

Дар семоҳаи аввали соли 2019 бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +33,4 гектар (45 гектар дар маҷмуъ), аз он ҷумла

интенсивӣ 30 гектар, Рӯдакӣ +3,4 гектар (30,2 гектар), интенсивӣ 29,2 гектар, Варзоб +2 гектар (24 гектар) интенсивӣ 2 гектар, н.Нуробод 7 гектар, аз он ҷумла интенсивӣ 1 гектар, Ҳисор 130 гектар, Роғун 8,5 гектар, Ваҳдат 5 гектар ташкил карда, истифодаи заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо ба назар мерасад, ки оянда аз ҷониби раёсати кишоварзӣ ва Кумитаи замини ноҳия ҳисобу китоби дурусти он ташкил ва ба роҳ монда шавад.

**7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ**

Вобаста ба зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ дар семоҳаи аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияи Турсунзода 21 адад, Шаҳринав 6 адад, Рӯдакӣ, Файзобод ва Варзоб 1 ададиро ташкил медиҳад, ки шумораи сардхонаҳо дар сатҳи соли гузашта боқи монда, ҷиҳати зиёд намудани он ва ташкили он дар дигар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамкориҳо бо соҳибкорон вусъат дода шавад.

**7.9. Рафти иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ**

Дар семоҳаи аввали соли 2019 ноҳияи Лахш дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии шарикони рушд барои ба даст овардани насли хушзот 31 сар чорвои аҳолӣ бо бордорнамоии сунъи таъмин шудаанд, ки дар ноҳияи Варзоб дар давраи ҳисоботӣ 4 гектар кишти картошка гузаронида шудааст.

Дар ноҳияи Нуробод корхонаи воҳиди давлатии тухмипарварии Пандовчӣ ва Оби лурд фаъолият менамояд, ки дар семоҳаи аввали соли 2019 дар бахши ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба миқдори 30 тонна тухмии картошка захира карда шудааст.

Дар ноҳияи Рашт барои бо тухмиҳои хушсифат таъмин намудани хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 4 адад хоҷагиҳои тухмипарварӣ фаъолият карда истодаанд, ки ҳамасола хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияро бо тухмиҳои хушсифат таъмин карда истодаанд.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ бошад, баҳри хушзоткунии чорвои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 13 нуқтаи бордоркунии сунъии доимӣ ва 4 нуқтаи сайёр ташкил карда шуда, дар ин давра 611 сар чорвои наслдеҳ бо таври сунъи бордор карда шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод 2 хоҷагии тухмипарварӣ “Саринай” ва “Қалъаи лаби об” фаъолият доранд.

Дар шаҳри Турсунзода 2 хоҷагии тухмипарварӣ - «Шодлик» ва «Дӯстӣ» ҷиҳати истеҳсоли тухмиҳои пахта, гандум, ҷав ва шолӣ махсус гардонида шудаанд, бо мақсади муайян намудани тухмгузории малах дар майдони 4500 гектар мушоҳидаи баҳорӣ гузаронида шуда, ба муқобили малах дар 38 гектар коркарди химиёвӣ амалӣ гардидаст.

Дар ноҳияи Файзобод дар бахши ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ба миқдори 394 тонна тухмии картошка захира карда шудааст, мубориза бар зидди малах- ба маблағи 16,5 ҳазор сомонӣ якчанд намуди заҳрхимикатҳо ба хоҷагиҳои деқонию ҷамъиятӣ дода шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор 4 адад хоҷагиҳои тухмипарвар фаъолият менамояд, ки барои таъмини там оми намуди хоҷагиҳои деҳқони бо тухмиҳои хушсифат таъмин менамояд.

Таҳлили гузаронидашуда муайян намуд, ки самаранокии ҳамкории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии Лахш, Нуробод, Рашт, Рӯдакӣ Тоҷикобод, Турсунзода, Файзобод ва Ҳисор дар рафти иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ (тухмипарварӣ, мубориза бар зидди малах, бордоркунии сунъӣ ) таъмин карда шуда, барои татбиқи сиёсати соҳавии кишоварзӣ замина гузошта шуда истодааст.

**7.11. Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти тирамоҳӣ ва баҳорӣ, арзёбӣ гардиданд.**

Маъракаи кишту кори тирамоҳӣ ва баҳорӣ дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ идома дошта ба ҳолати 1 апрели соли 2019 Ваҳдат дар майдони 9691 гектар (+31 гектар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд), Турсунзода 9293 гектар (+103 гектар), Ҳисор 8601 гектар (+54 гектар), Шаҳринав 6449 гектар (+30 гектар), Файзобод 5708 гектар (+24 гектар), Рашт 3249 гектар (+146 гектар), Нуробод 1146 гектар (+180 гектар), Варзоб 441 гектар (+32 гектар) ва Лахш 300 гектар (+50 гектар) ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Рӯдакӣ 5642 гектар кишти тирамоҳӣ ва баҳорӣ гузаронида, нисбати соли гузашта -10 гектар кам мебошад.

Аз сабаби номусоид будани вазъи иқлим дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Сангвор ва Тоҷикобод кишт гузаронида нашудааст.

## 8. Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ (банди 87-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 8.1. Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёби гардиданд. 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дар назардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ**

Ҷиҳати рушди инфросохтор ва фароҳам овардани шароити созгор барои аҳолии сатҳи маҳал дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки давра ба давра аз ҷониби сармояи дохилию хориҷӣ амалӣ гардида истодаанд. Дар 3 моҳи соли 2019 дар шаҳри Ҳисор ба маблағи 17,0 млн сомонӣ корҳои сохтмонию пудратӣ иҷро шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 3,3 % зиёд мебошад, дар ҳудуди ноҳияи Лахш, барқарорсозӣ ва сохтмонӣ 21 иншоот, дар ноҳияи Нуробод 19 иншоотҳои ҷашнӣ ба маблағӣ 12 861,7 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, дар шаҳри Роғун

дар 3 моҳи соли ҷорӣ 3 иншоот ба маблағи 734,8 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод ба маблағӣ 60 ҳазор сомонӣ корҳои лоиҳакашӣ барои кашидани оби нӯшокӣ ба маркази ноҳия анҷом дода шуда, дар ноҳияи Файзобод ҷиҳати таъмини аҳолии марказ бо оби тозаи ошомиданӣ, гирифтани партовҳо ва оби корезию ташнобҳо ба маблағи 354,1 ҳазор сомонӣ корҳо ба анҷом расони шудааст.

### 8.2. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ

Дар 3 моҳаи якуми соли 2019 ҷиҳати ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ба як сари аҳолӣ дар шаҳри Турсунзода +0,009 метри мураббаъ зиёд 0,016 метри мураббаъ зиёд гардида, барои таъмини аҳолӣ бо шароити зист фароҳам оварда шудааст.

Камгардидани он дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор -0,011 метри мураббаъ (0,017 метри мураббаъ), Шаҳринав -1 метри мураббаъ (19 метри мураббаъ), Роғун -0,2 метри мураббаъ (6,7 метри мураббаъ), Тоҷикобод -0,2 метри мураббаъ (9,9 метри мураббаъ), Лахш -2,13 метри мураббаъ (0,07 метри мураббаъ) ва Варзоб 0,146 метри мураббаъ ба назар расида, ҷиҳати расидан ба натиҷаи пешбини намудаи СМР барои давраи то соли 2030 мушкилот пеш меорад.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ваҳдат, Рашт, Нуробод, Сангвор ва Файзобод маълумот дарҷ карда нашудааст.

### 8.3. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти ҷашнӣ

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059” ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба таҷлили Ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор 613 иншоот, Ваҳдат 577 иншоот, Рӯдакӣ 414 иншоот, Файзобод 352 иншоот, Турсунзода 310 иншоот, Шаҳринав 308 иншоот, Варзоб 270 иншоот, Нуробод 248 иншоот, Рашт 206 иншоот, Лахш 136 иншоот ва Тоҷикобод 74 иншоот ба нақша гирифта шудааст, ки асосан сохтмони муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, сохтмони майдончаҳои варзишӣ, толори варзишӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, коргоҳи дузандагӣ, дорухона ва ғайраҳо ташкил дода, барои фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ мусоидат менамояд.

### 8.4. Вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъ гардонии муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ

Дар моҳи соли 2019 муроҷиати шаҳрвандон оид ба таъмини қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ 341 адад ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта -337 адад кам гардидааст, шаҳри Ваҳдат -147 адад ноҳияи Варзоб -74 (211 адад), (430 адад) шаҳри Ҳисор -50

адад (435 адад), ноҳияи Тоҷикобод -42 адад (77 адад), шаҳри Турсунзода -31 адад (109 адад), ноҳияи Лахш -20 (48), ноҳияи Сангвор -18 адад (74 адад), ноҳияи Шаҳринав -6 адад (27 адад) ва шаҳри Роғун -4 (58 адад) ташкил дода аз беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист шаҳодат медиҳанд.

Зиёдшавии шумораи муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбати соли гузашта дар ноҳияи Рашт +77 адад (99 адад), ноҳияи Файзобод +31 адад (357 адад), ноҳияи Нуробод +9 (65 адад) ва ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист, чораҳои иловагӣ андешидан ба миён омадааст.

**8.5. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19)**

Бобати сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат корҳо дар ноҳияи Варзоб 56 нафар ба хонаи истиқомати таъмин гардида, 92 хонаи дигар аз таъмир баровarда шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода 1 хонаи истиқомати сохта ба маблағи 16000 сомонӣ сохта 1 хонаи дигар ба маблағи 10500 аз таъмир баровarда шудааст. Дар шаҳри Ҳисор 1 хонаи истиқоматӣ ба маблағи 5000 сомонӣ ва 2 хонаи дигар ба маблағи 7700 сомонӣ таъмир карда шудаанд. Дар ноҳияи Шаҳринав сохтмони 2 адад хона ба маблағи 50 ҳаз сомонӣ ва таъмири 2 адад ба маблағи 24 ҳаз сомонӣ, дар ноҳияи Лахш ба маблағи 9,5 ҳаз сомонӣ ба 1 нафар, ноҳияи Рашт ба 2 нафар маблағи 11200 шаҳри Роғун 3 сохта ба истифода дода шудаанд.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ваҳдат, Нуробод, Сангвор, Тоҷикобод ва Файзобод маълумот омода карда нашудааст.

## 9.Рушди инфрасохтор ва нақлиёт
## (бандҳои 26 ва 14-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2.(9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3(9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёби гардиданд.**

### 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо

### 9.1 Таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо

Таҳлилҳо собит намуданд, ки бо мақсади таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҳудуди шаҳр ва

ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо маром идома дошта, дар шаҳри Турсунзоа 16,2 км таъмири капитали ва зиёда аз 78 км роҳҳои маҳалӣ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, 2 адад пули мошингузар сохта ба истифода дода шудааст.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ 260 км роҳҳои маҳаллӣ таъмир, дар ноҳияи Варзоб масофаи 3 км роҳҳои маҳаллӣ, дар ноҳияи Сангвор 1 километр роҳи маркази ноҳия мумфарш гардида, дар шаҳри Ваҳдат аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 400 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои ҳамаи роҳҳо 314,5 ҳазор сомонӣ, дар ноҳияҳои Файзобод 703,4 ҳазор сомонӣ, Ҳисор 713 ҳазор сомонӣ, Шаҳринав 255 ҳазор сомонӣ маблағҳо барои таъмиру таҷдиди роҳҳо равона гардидааст, ки нишондиҳандаи рушди инфрасохтори нақлиёт дар сатҳи муайян таъмин гардида, барои рушд иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо замина фароҳам овардааст.

### 9.2. (9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот

Дар шаҳри Турсунзода КВД "Роҳи оҳани Тоҷикистон" истгоҳи Регар дар семоҳаи соли 2019 кашонидании борҳо тариқи нақлёти роҳи оҳан аз рӯи хатсайри муайян ва нуқтаҳои таъминоти борҳо 29002,5 тонна – ро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3631,9 тонна зиёд мебошад. Аз ҳудуди ноҳияи Шаҳринав 11 км хати роҳи оҳан мегузарад, ки боркашонӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ғайр аз шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва ноҳияи Шаҳринав хизматрасонии роҳи оҳан вуҷуд надорад.

Хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 445 адад нақлиёт ва 3 адад муаасисаи мусофиркашонӣ, Шаҳринав 145адад/3адад, Рӯдакӣ 125 адад/4адад, Варзоб 87адад/1адад, Файзобод 66адад/1адад, Ҳисор 61адад/2адад, Роғун 27адад/2адад, Рашт 4адад/1адад, Тоҷикобод 2адад/0адад, хизмат расонида мешаванд.

Дар ноҳияҳои Лахш ва Нуробод ягон адад нақлиётӣ ҷамъиятӣ ва муаасисаи мусофиркашонӣ ба қайд гирифта нашуда, хизматрасонии шахсӣ (такси) ба роҳ монда шудааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳод намудаи шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Сангвор маълумот қайд карда нашудааст.

Ҷиҳати бунёди терминалҳои назди сарҳадӣ, марказҳои логистикӣ ва долонҳои нақлиётҳо ба меъёрҳои байналмиллалӣ ҷавобгӯ гардонидани хизматрасониҳо дар гузаргоҳи сарҳадии "Дӯстӣ" дар шаҳри Турсунзода терминали муосир ба истифода дода шудааст.

### 9.3. (9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ

Дар давраи ҳисоботи дар шаҳри Турсунзода ҳаҷми боркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ 22545,6 ҳазор тонна ва мусофиркашонӣ 3939,6 ҳазор мусофирро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми боркашонӣ 120% ва мусофиркашонӣ 293% зиёд гардидааст.

Дар давраи ҳисоботи нишондиҳандаи баланди ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ он дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода боркашонӣ 120% ва мусофиркашонӣ 293%, Варзоб боркашонӣ 109,9% мусофиркашонӣ 353%,

Роғун 537% ва 14%, Рашт 103,9% ва 109%, Ҳисор 125% ва 262%, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта таъмин карда шуда, ба афзоиши суръати гардиши савдо таъсир расонида, ба рушди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Рудакӣ 67% ва 142%, Лахш 50,6% ва 27,1%, Тоҷикобод 41,6% ва 26%, Ваҳдат 28% ва 158%, Шаҳринав 29% ва 67%, Нуробод 17,1% ва 60% ва Файзобод 10% ва 63% ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ кам гардида, ҷоннок намудани фаъолият барои бартараф намудани камбудиҳо зарур мебошад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани таъминоти муассисаҳои хоҷагиҳои роҳи вилоят бо техникаҳои роҳсозӣ ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ҳамкориҳоро зичтар намоянд.

## 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ**

### 10.1.(10.1, 10.2) Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет

Дар миқёси шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ширкатҳои хусусӣ ба монанди «Тссел», «Мегафон», «Билайн», «Вавилон» ва «Телеком-Технолоҷӣ» фаъолияти кории худро вусъат дода, аксарияти хизматрасонии алоқаро дар шаҳру ноҳияҳо расонида истодаанд.

Дар ноҳияҳои Шаҳринав 100%, Нуробод 89%, Файзобод 80% ва Варзоб 65% аҳолиии ин ноҳияҳо бо хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва интернет дастрас мебошанд.

Дар шаҳри Турсунзода равнақи афзоиши телефонҳо дар давоми семоҳи соли 2019 ба 50 адад зиёд шуда, ба аҳолӣ 47 адад ва корхонаву ташкилотҳо 3 ададро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Рашт айни замон тамоми минтақаҳои ноҳия зери пӯшиши истгоҳҳои телефонии муосир ба теъдоди 1 истгоҳ ва 3 зеристгоҳ бо зарфияти умумии 4135 рақам қарор дошта, иловатан дар тамоми гиреҳҳои (узель) алоқа, ки усулан ИТХ-ҳо дар онҷо қарор доранд, таҷҳизот ва коммутаторҳои калонҳаҷми пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет низ насбу роҳандозӣ гардидаанд.

Дар ноҳияи Сангвор ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия бо нуктаҳои фиристандаи мавҷҳои мобилӣ ва интернет насб гардида, аҳолии ҷамоатҳои деҳот бо пуррагӣ аз хизматрасониҳои мобилӣ ва интернетӣ дастрас мебошанд.

Дар ноҳияи Файзобод таъмини шабакаи интернет тавассути модемҳои алоҳида ба роҳ монда шудааст, шаҳри Ҳисор барои хизмати алоқа дастгоҳи дорои 3000 рақам насб гардида бо 1186 рақам ба муштариён хизмат мерасонад, ноҳияи Шаҳринав 98 ҳазору 500 нафар аз алоқаи мобилӣ истифода мебаранд, ки қисми зиёди он ба алоқаи Интернетӣ пайваст мебошанд.

Корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Файзобод, Сангвор, Рашт, Турсунзода ва Шаҳринав барои таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мусоидат намудааст.

Дар ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Тоҷикобод бобати банди мазкур маълумоти дақиқ пешниҳод карда нашудааст.

**10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ**

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш ба масъулони бахши Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Лахш, Раёсати молияи ноҳия ва раисони Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия дар бораи бо технологияи компютерӣ таъмин намудани фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва бо дастгирии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас гардонидани барномаҳои махсуси электронии дафтари хоҷагидорӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода шудааст.

Дар ноҳияи Нуробод айни замон пешниҳоди маълумотҳои оморӣ дар ташкилоту муассисаҳои ноҳия дар шакли электронӣ қариб 69%-ро ташкил додааст.

Аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод ба масъулони бахши Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Тоҷикобод , Раёсати молияи ноҳия ва раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия дар бораи истифодаи технологияҳои компютерӣ ва дафтари электронии хоҷагидорӣ дар фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот дастрас намудани барномаҳои махсуси электронии дафтари хоҷагидорӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод айни замон пешниҳоди маълумотҳои оморӣ дар ташкилоту муассисаҳои ноҳия дар шакли электронӣ қариб 70%-ро ташкил дода, дар заминаи он дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” – пурра тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Варзоб ва Рашт тавассути шабакаҳои интернетӣ, почтаи электронӣ ва тариқи сомона фаъолият карда истодааст, инчунин дафтари хоҷагидорӣ дар самти муҳосибот истифодабариаш дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Рӯдакӣ, Ҳисор ва Ваҳдат маълумот омода карда нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроия маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо Агентии оморӣ назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ноҳияҳои Сангвор ва Роғун ба шабакаи интернет, ҷиҳати ҷорӣ намудани пешбурди шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ҷамоатҳои шаҳру ноҳияҳо чораҷӯи намоянд.

## 11.Вусъати шуғли пурмаҳсул

**Арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо таъмини вусъати шуғли пурмаҳсул бо нишондиҳандаҳои 11.1.(11.2) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ, 11.2. (11.3) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо, 11.3. (11.4) Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум ва равнақи таъмини “усто – шогирд” ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар.**

### 11.1.(11.2) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ, 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ ва баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи бекорони расман ба қайд гирифта нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав +930 нафар (1325 нафар ҳамагӣ шумораи бекорон), Роғун +50 нафар (201 нафар) ва Варзоб +4 нафар (588 нафар) зиёд гаштааст, ки андешидани чораҳоро барои паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Ин нишондаҳанда дар ноҳияи Рашт -261 нафар (928 нафар) кам гаштааст, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолияти мақомотҳои дахлдор дар таъмини бекорон бо ҷойҳои корӣ дарак медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди шумораи бекорон дар ноҳияи Шаҳринав ба назар мерасад ва фоизи шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнат дошта нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Роғун +3,5% (ҳамагӣ 7%), Варзоб +1,6% (4,6%) ва Шаҳринав +3% (30%) зиёд гаштааст, ки барои беҳтар намудани ҳолати иҷтимоию иқтисодии ин ноҳияҳо андешидани чораҳои зарурӣ талаб менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Рашт -0,8% (11,4%) кам гардидааст, ки аз самаранокии чораҳои андешидашудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Раштро инъикос менамояд.

### 11.2. Баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ дар ярмаркаҳо аз ҷониби ташкилотҳо ва бо ҷойи кории доимӣ таъмин гардидани бекорон

### 11.2. Баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ .

Давоми соли ҷорӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ гузаронида шудааст, ки он дар Ваҳдат 8 маротиба, Шаҳринав 2 маротиба Турсунзода 2 маротиба, Варзоб 2 маротиба, Нуробод 1 маротиба, Сангвор

1 маротиба, Тоҷикобод 1 маротиба, Файзобод 1 маротиба, гузаронида шудааст.

Самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холи ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Варзоб, Шаҳринав, Турунзода ва мақомоти ваколатдор ҷиҳати гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ холи таъмин карда шуда, пурзур намудани ҳамкории фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Нуробод, Сангвор, Тоҷикобод ва Файзобод бо мақомоти ваколатдор барои кам кардани сатҳи бекорӣ зарур мебошад.

### 11.3. (11.4) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо

Вобаста ба фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ва ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон аз таҳлили маълумотҳо муайян карда шуд, ки давоми соли ҷорӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷумла шаҳри Ваҳдат мувофиқи нақшаи пешниҳодгашта 330 нафар ба касбомӯзи фаро гирифта шуданд, Тоҷикобод 320 нафар, Ҳисор 285 нафар, Рӯдакӣ 192 нафар, Рашт 160 нафар, Файзобод 123 нафар, Сангвор 106 нафар, Шаҳринав 102 нафар, Варзоб 99 нафар, Роғун 88 нафар, Лахш 40 нафар ва Турсунзода 20 нафарро ташкил медиҳад, ки аз дуруст ба роҳмондани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ дарак медиҳад.

Бо мақсади эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ ва равнақ додани ҳунарҳои дастии аҷдодӣ, ташкил намудани маркази ҳунарҳои мардумӣ инчунин "усто шогирд" дар ноҳияи Тоҷикобод дар давраи ҳисоботӣ 273 ҷойи кории нав таъсис дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 40 ҷой (117,2%) зиёд аст:

## 12. Рушди сармояи инсонӣ (маориф)
## (бандҳои 38, 50-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ, 12.2. (12.2) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ, 12.3. (12.3) Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, 12.4. (12.4, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим, 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ арзёби гардиданд.**

### 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ

### 12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст

Ҷиҳати бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои Варзоб сохтмони синфхонаҳои иловагӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 48,

Ваҳдат 20 муассисаи томактабӣ аз он 3 кудакистони хусусӣ, Лахш сохтмонии бинои нави таълимӣ –иборат аз 4 синфхона, Рашт 16 синфхонаи иловагӣ барои 240 ҷойи нишаст, Рӯдакӣ 90 4 синфхонаи иловагӣ дар барои 96 нафар хонанда, Турсунзода 23 синфхона ва 2 толори варзишӣ, Ҳисор бинои нави таълимӣ барои 150 нафар сохта ба истифода дода шуддаст.

Ҳамзамон, дар ноҳияҳои Рашт 17 адад ва Варзоб 8 адад мактабҳои дар ҳолати садамавӣ қарордошта мавҷуд мебошанд, ки ҳамчун омили боздорандаи рушди соҳа маҳсуб ёфта, барои бартараф намудани он чораҳои дахлдор андешида шавад.

Дар ин давра норасоии китобҳои дарси дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб +1500 адад нисбати соли гузашта зиёдгардида, дар маҷмуъ 16282 адад, Шаҳринав +1000 адад (3000 адад) мавҷуд мебошад, ки барои таъмини нишондиҳандаи рушди маориф таъсири манфӣ мерасонад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Рашт 56600 ададро ташкил дода нисбати соли гузашта -20000 кам гардидааст, ки аз фаъолияти хуби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат медиҳад.

### 12.2. (12.2) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ

### 12.2. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии кӯдакон ва васеъ намудани фоизи фарогирии онҳо, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативии омода намудани кӯдакон

Дар ноҳияи Шаҳринав 1463 кӯдаки синни то 5-сола мавҷуд буда, аз ин теъдод 158 нафар кӯдак ба кӯдакистон фаро гирифта шудааст, дараҷаи фарогирӣ 10,7% ташкил додааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Рашт 1,6% (фарогирии кӯдакон ба Маркази рушди барвақтӣ 160 нафар/ шумораи умумии кудакони синни то мактабӣ 9838 нафар), Варзоб 1,5% (40 нафар/2579 нафар), ташкил додааст, ки барои баланд бардоштани ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Варзоб ва Рашт пешбинӣ намудани чораҳои иловагӣ зарур мебошад.

Шумораи муассисаҳои томактабӣ дар ноҳияи Лахш 6 ададро ташкил дода, дар онҳо 183 нафар кудакон, аз ин 98 нафарашон духтарон мебошанд, ба тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар ноҳияи Нуробод 2 муассисаи томактабӣ фаъолият дошта, дар онҳо беш аз 109 нафар кӯдакон тарбия мегиранд.

Рашт дар назди 5 муассисаи таълимӣ Марказҳои инкишофи кӯдакони сини то мактабӣ ба фаъолият оғоз менамоянд. Дар ноҳия муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии хусусӣ то ҳанӯз таъсис дода нашудаанд.

Шумораи муассисаҳои то мактабӣ дар шаҳр Роғун 12, муассисаи томактабӣ 1776 нафар кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод 1 адад муассисаи таҳсилоти то мактабии кӯдакон фаъолият дорад, ки 120 нафар кӯдакро дарбар мегирад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 50 % зиёд мебошад.

Дар шаҳри Турсунзода 12 муассисаи томактабӣ фаъолият менамояд, ки дар он ба 1963 кӯдак таълиму тарбия мегиранд.

Дар ноҳияи Файзобод имрӯз 4 муассисаи томактабӣ фаъолият дошта, дар онҳо беш аз 500 нафар кӯдакон тарбия мегиранд.

**12.3.** (12.3) **Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ**

**12.3. Фароҳам овардани шароити муосид барои устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ (компютер, тахтаи электронӣ) ва ҷалби васеи истеъдодҳои ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ, сатҳи фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истедодҳо, технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ**

Дар давраи ҳисоботи шумораи компютерҳо дар муассисаҳои таълимӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Варзоб +11 адад (ҳамагӣ 134 адад) ва Шаҳринав +1 адад (20 адад) зиёд гардида шумораи тахтаҳои электронӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар ноҳияҳои Варзоб 12 адад, Рашт 12 адад ва Шаҳринав 1 ададро ташкил дода, барои таъмини нишондиҳандаи устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ замина гузошта шуда истодааст.

**12.4.** (12.4, 12.6) **Баланд бардоштани сифати таълим**

**12.4. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоӣ кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон**

Дар давраи ҳисоботи шумораи кабинетҳои фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Варзоб +7 адад (12 адад), Шаҳринав +3 адад (106 адад) ва Рашт +3 адад (3 адад) зиёд гардида, дар шаҳри Турсунзода 177 нафар омӯзгор, ноҳияи Варзоб 69 нафар омӯзгорон, ноҳияи Лахш 53 нафар, ноҳияи Тоҷикобод 39 нафар, омӯзгорони фанҳои таълимӣ аз курси такмили ихтисос гузаронида шуданд, ки барои баланд бардошта сатҳу сифати таълим мусоидат намудааст.

**12.6 Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ ва ғайра арзёбӣ гардиданд.**

Ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаи сатҳу сифати таълим, норасоии омӯзгорон дар ноҳияҳои Варзоб (40 нафар аз ҷумла 17 нафар забони хориҷӣ) ва Рашт (24 нафар аз ҷумла 7 нафар забони хориҷӣ), таъсири манфӣ расонида, барои бартараф намудани он пурзур намудани ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Лахш, Сангвор, Тоҷикибод, Нуробод ва Роғун дар муассисаҳои таълимии ноҳия барои баланд бардоштани сатҳи дониш аз забонҳои хориҷӣ, русӣ, англисӣ ва ғайра курсҳои иловагӣ ташкил карда шуда, дар шаҳри Турсунзода 150 нафар ва ноҳияи Лахш 34 нафар омӯзгорони фаннҳои забонҳои русӣ ва англисӣ аз курси таълимии муносибати салоҳиятнокӣ гузаронида шуданд, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати омӯзиши забонҳои хориҷӣ заминаи мусоид гузашта шуда истодааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ;**

### 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ

**13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоӣ кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст.**

Дар ноҳияи Шаҳринав як бунгоҳи саломатӣ аз нав сохта ва ба истифода дода шуда, дар ноҳияи Файзобод сохтмони 2 адад Марказҳои саломатӣ ва дар 16 адад марказҳои саломатӣ ҳуҷраҳои хатнаи кӯдакон таъсис дода шудааст. Дар ноҳияи Нуробод 1 адад бунгоҳи сохта шудааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2019, ҳолати таъмини дараҷаи табибони дорои тахассусӣ нисбат ба шумораи умумии табибони ҳамаи ихтисосҳо дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав 92,1%, Тоҷикобод 41,3%, Рӯдакӣ 16,3%, Рашт 61,3%, Ҳисор 50,3%, ташкил медиҳад, ки хизматрасонии тиббии босифат таъмин карда шуда, дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 46,4%, Ваҳдат 43%, Сангвор 45,1%, Варзоб 25%, Файзобод 29,1%, Лахш 36,8%, Роғун 40%, Нуробод 6,2% мебошад, ки барои ҷалби мутахассисони дорои дараҷаи тахассусӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тақвият дода шавад.

### 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ

**Сил**

Дар семоҳаи якуми соли2019 шумораи бемории сил нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 22 нафар, Рашт 17 нафар Ҳисор 53 нафар, Ваҳдат 38 нафар, Роғун 6 нафар, дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 108 нафар, Тоҷикобод 5 нафар, Сангвор 18 нафар ва Лахш 10 нафарро ташкил додааст.

Нишондиҳандаи баланди зиёдшавии беморони гирифтори касалии сил дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҳисор, Ваҳдат Турсунзода ва Рашт ба назар мерасад, ки ҷоннок намудани фаъолиятро барои пешгирии касалиҳои сироятӣ талаб менамояд.

**ВНМО**

Мувофиқи ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сироятёфтагони бемории ВНМО–БПНМ 191 нафар ба қайд гирифта шуда, ки аз ин Шаҳринав 75 нафар , Файзобод 54 нафар, Рӯдакӣ 14 нафар, Ваҳдат 14 нафар, Турсунзода 8 нафар, Сангвор 7 нафар ва Тоҷикобод 1 нафар Ҳисор 5 нафар, Лахш 5 нафар гирифторои касалии ВНМО ба қайд гирифта шудааст.

Зарурати пурзӯр намудани корҳо дар пешгирӣ намудани касалиҳои сироятии гирифтори бемории ВНМО дар ноҳияҳои Шаҳринав, Файзобод, Рӯдакӣ ва шаҳри Ваҳдат ба миён омадааст.

Пешниҳод**:** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил ва ВНМО) чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи бартараф намудани норасоиҳои табибони дорои тахассуси дараҷанокӣ, дастрасии табибон ба аҳолӣ, бунёди иншоотҳои тиббӣ дар маҳалҳо мусоидат намоянд.

### 13.3. Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Дар ноҳияи Варзоб Иҷроиши барномаи мазкур давоми 3 моҳи соли 2019 105,5% таъмин гардидааст, ки маблағи 13921 сомониро ташкил дода, шаҳри Ваҳдат соли ҷори тибқи Барномаи рушди иқтисодию ихтимоии шаҳр аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, сармояи дохилию хориҷи, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳоли ҷиҳати рушди соҳа 3123 ҳазор сомонӣ маблағ пешбини шудааст, ки дар ин давра 40 ҳазор аз ҳисоби буҷети маҳалӣ маблағгузори карда шудааст

Дар ноҳияи Нуробод дар самти иҷрои Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар семоҳаи аввали соли 2019 ба мардум хизмат расонида, шаҳри Турсунзода бо мақсади татбиқи «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019» аз ҳисоби ҳампардохт дар се моҳаи якуми соли равон ба суратҳисоби махсуси беморхонаҳо ва шабакаи КАТС 962807,4 сомонӣ ворид шудааст, ки аз ин

барои харидории маводҳои доруворӣ 704822,24 сомонӣ, барои маводҳои конселярӣ 33435 сомонӣ, маводи хоҷагӣ 27134,2 сомонӣ, музди меҳнати шарномавӣ 134931,05 сомонӣ, таҷҳизоти нарм 12000 сомонӣ ва андоз 348154,61 сомонӣ харҷ шудааст.

**Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**13.5.(13.5,13.6,13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир) арзёби мегардад.**

**Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**13.5.(13.6, 13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир),**

**13.5. Корҳои анҷомдода ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон**

Дастгирии иҷтимоии маъюбон, аз ҷумла таъмини онҳо бо воситаҳои техникӣ ва протезию ортопедӣ дар мадди аввал қарор дошта, дар ин давра дар ноҳияи Варзоб аробачаи маъюбии бо тарзи дасти ҳаракаткунанда, дар ноҳияи Нуробод пардохти кумакпулиҳои унвонӣ иҷтимоӣ ба 1337 нафар, дар ноҳияи Тоҷикобод 640 нафар кӯмаки хайрия расонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ зиёдшавии шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +586 (2265 оила), Ваҳдат +461 (4673 оила), Шаҳринав +410 (2036 оила), Рашт +110 (1758 оила), Роғун +88 (1501 оила), Нуробод +29 (1337 оила), Ҳисор +20 (527 оила), ба назар расида, омузиши вазъи иҷтимоии иқтисодии ин шаҳру ноҳияҳоро тақозо менамояд.

Ҳамзамон дар ноҳияҳои Тоҷикобод -198 (267 оила), Лахш -78 (326 оила), Варзоб -74 (554 оила), Файзобод -39 (471 оила) кам гаштааст, ки ваъзи мусбии марҳилавии рушди иҷтимоию иқтисодии ин ноҳияҳоро инъикос менамояд.

**13.5 (13.6) Ҷараёни пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоию унвонӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта**

Шумораи умумии нафақахӯрон, дар миқёси шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зиёд гардида,

Нисбат ба семоҳаи соли 2018 шумораи умумии нафақахӯрон дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ +1484 нафар (28956 нафар), Ҳисор + 900 нафар (21100 нафар), Ваҳдат + 840 нафар (23697 нафар), Турсунзода +564 нафар (22528 нафар), Файзобод +378 нафар (7491 нафар), Шаҳринав +348 нафар (8959 нафар), Тоҷикобод +233 нафар (2958 нафар) Нуробод +180 нафар (5235 нафар), Роғун +97 нафар (2698 нафар), Лахш +39 нафар (4882 нафар), Варзоб +16 нафар (6189 нафар) ва Сангвор +13 нафар (1493 нафар) зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои заруриро барои назорати таъмини пардохти саривақтии нафақаи онҳо тақозо менамояд.

Дар ноҳияи Варзоб Дар се моҳи соли 2019, ба 36 нафар, аз ҷумла 28 нафар маъюбони гурӯҳи 1-ум, 2 нафар оилаҳои танҳо ва 6 нафар оилаҳои камбизоат ҳар моҳ 80 сомонӣ аз ҳисоби фонди раиси ноҳия иловапулӣ муайян карда шудааст, ки дар вақташ пардохт карда мешавад.

Дар ноҳияи Лахш Кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоате, ки дар ҳудуди ноҳия истиқомати доимӣ доранд ва вазъи некӯаҳволии онҳо ба талаботи меъёрҳое, ки дар методикаи муайян намудани оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат мукаррар гардидааст, мувофиқат мекунад, таъин ва пардохт карда мешавад.

Дар ноҳияи Нуробод пардохти кумакпулиҳои унвони иҷтимоӣ ба 1337 нафар маблағи 133,7 ҳазор сомониро ташкил дода, ноҳияи Рашт 1758 нафар ба шаҳрвандони камбизоат кӯмаки унвонии иҷтимоӣ таъин гардидааст. Дар ноҳияи Рӯдакӣ ба 1429 оилаҳои ниёзманд, фақирон, муҳтоҷон, ятимону барҷомондагон ва бепарасторон ба маблағи умумии беш аз 240 ҳазору 635 сомонӣ кӯмакҳо расонида шуда, дар ноҳияи Тоҷикобод шаҳрвандони камбизоат ба маблағи 90300 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст.

## 14. Рушди соҳаи фарҳанг
## (банди 36-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи фарҳанг бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ 14.1. (14.1, 14.2) Сохтмон ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихи арзёбӣ гардиданд.**

### 14.1. Бунёд, таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои соҳаи фарҳанг,

Дар робита ба бунёд, таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои соҳаи фарҳанг, ичунин мактабҳои мусиқии бачагона ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳо, ки дар шаҳр ва ноҳияҳои Варзоб 24 муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла Қасри фарҳанг, 2 хонаи маданияти деҳотӣ, 6 муассисаи клубии деҳот, 1 китобхонаи марказонидашуда бо фонди умумии 69544 нусха, 15 китобхонаи деҳот, мактаби санъати бачагона, боғи фарҳангӣ – фароғатӣ, дар ноҳияи Лахш 51 адад муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла 28 китобхона, 10 клуб, 8 хонаи фарҳангӣ, 1 мактаби мусиқӣ, 1 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 ансамбли тарона ва рақси “Садои Лахш”, 20 ёдгории таърихӣ, 2 осорхонаи назди бахши фарҳанг, дар ноҳияи Нуробод 5 адад хонаҳои фарҳангӣ, 4 клуб, 2 осорхонаи таърихӣ ва 22 китобхонаҳои оммавӣ, дар шаҳри Роғун 14 адад муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла 8 китобхона, 3 қаср ва хонаи фарҳангӣ, 2 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 6 ёдгории таърихии монументалӣ, 1 осорхона назди бахши фарҳанг ва 1 муассисаи давлатии мактаби бачагонаи санъат ба аҳолӣ хизмат расонида истодааст.

### 14.2. Таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бо ҷалби соҳибкорону сармогузорон бунёд намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар гирду атрофи онҳо (банди 36 паём);

Дар ноҳияи Варзоб 25 ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва меъмории дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мебошад, дар ноҳияи Лахш осору ёдгориҳои таърихӣ аз қабили навиштаҷот дар рӯи сангҳо (петроглиф) дар

мавзеҳои таърихии «Тешиктош» дар деҳаи Ачиқалмаи Ҷамоати деҳоти Алға ва ҳудуди деҳаи Қушағба дар мавзеи «Таги ағба»-и Ҷамоати деҳоти Сурхоб ҷойгир мебошанд, ки ба давраҳои қадимтарин мансуб мебошанд, дар ноҳияи Рӯдакӣ 39 адад ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, дар шаҳри Ҳисор 87 ёдгориҳои таърихӣ, аз ҷумла, ёдгориҳои монументалӣ 8 адад, меъморӣ 12 адад ва археологӣ 67 адад мебошанд.

Дар семоҳаи соли 2019 мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Варзоб, Лахш, Рӯдакӣ ва Ҳисор ҷиҳати таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бо ҷалби соҳибкорону сармогузорон бунёд намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар гирду атрофи онҳо корҳои муайян ба анҷом расонида нашудааст, ки андешидани чораҳои иловагӣ зарур мебошад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар якҷоягӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши мушкилотҳои соҳаи фарҳангӣ шаҳру ноҳияҳоро ташкил намуда, ҷиҳати ҳалли онҳо ва беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои фарҳангии дар ҳолати садамавӣ ва таъмирталаб қарор дошта чораандешӣ намоянд.

## 15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ: (банди 2, 32-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, 15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор, 2018-2028" дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон арзёбӣ гардиданд.**

### 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,

### 15.1.Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи карзи он),

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза **дар** ноҳияҳои Турсунзода 100%, Нуробод 100%, Файзобод 94%, шаҳри Ҳисор 82% Варзоб 80%, Ваҳдат 80%, Сангвор 76%, Рашт 75,2%, Лахш 67%, Тоҷикобод 65%, Рӯдакӣ 59,6%, ба назар расида, дастрасии аҳолӣ бо оби тоза дар сатҳи муайян таъмин карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Шаҳринав 27% ва шаҳр Роғун 15,6% ро ташкил дода, барои ҷалби сармоягузории беруна ва дохиларо ба роҳ монда, ба ҳамкориҳо вусъат бахшида шаванд.

Бақияи карзи пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор 1,3 млн сомонӣ, Ваҳдат 1 млн, Турсунзода 291 ҳазор

сомонӣ, Шаҳринав 120 ҳазор, Роғун 47,1 ҳазор сомонӣ, Нуробод 24,5 ҳазор сомонӣ, Рашт 12,6 ҳазор сомонӣ, Тоҷикобод 9,9 ҳазор сомонӣ Лахш 4,8 ҳазор сомонӣ ва Сангвор 1,4 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки барои таъминоти аҳолӣ бо оби тоза мушкили ба миён меорад.

### 15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ

Дар ноҳияи Рашт дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар ҷамоатҳои деҳоти Ҳоит ва Қалъаи Сурх 37 нуқтагӣ оби нушоки мавриди истифода қарор додашудааст, ки дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ дар умум 4 фоиз ё дастрасӣ ба 5135 нафар зиёд гардидааст.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар деҳоти Роҳатӣ ду лоиҳаи бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ амалӣ гардидааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод бо мақсади пурра қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ба оби нӯшокӣ бо ташаббуси мақомоти иҷроия аз ҳисоби соҳибкорон ва аҳолӣ 60000 сомонӣ ҷамъоварӣ шуда, лоиҳакаи кашидани хати об омода шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав ҷиҳати дастрасии аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, хусусан дар деҳоти дурдаст дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ барои беҳтар намудани хизматрасонӣ 2 адад насосҳои ЭЦВ барқарор карда шуда, иқтидори истеҳсоли об зиёд карда шудааст.

### 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020,

Вобаста ба барномаи болозикр дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он маълумот омода нагардидааст.

### 15.4. Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”

Аз таҳлили маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии вобаста ба эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028” мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қарорҳои дахлдор ва нақшаи чорабиниҳоро таҳия намуда дар асоси он гузаронидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, суҳбату вохуриҳо ва овезон намудани шиору овезаҳоро дар минтақаҳо ба роҳ мондаанд.

Тибқи “Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020” бо ҷалби ташкилотҳои мададрасон минбаъд низ идома дода шуда, дар соли ҷорӣ корҳои сохтмонӣ вобаста ба бунёди хати оби нушокӣ идома меёбанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” барои баланд бардоштани дараҷаи таъминоти аҳолии бо оби тоза, беҳтар намудани ҳолати молиявии Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру

ноҳияҳо тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ намоянд.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**

**15.5. Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ, Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии "Шуғли сабз", вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ**

Дар самти ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар 3 моҳи соли 2019 дар ноҳияи Варзоб раёсати ободонӣ бо 12 ташкилот, муассиса ва деҳаҳо шартнома баста ба миқдори 130509 кг партовҳои сахти маиширо ҷамъоварӣ намуда, ба партовгоҳи шаҳри Душанбе кашонида шудааст.

Дар маркази шаҳри Ваҳдат утоқҳои махсус ҷиҳати ҷамъоварӣ ва нигоҳдории лампаҳои симобдор ташкил карда шудааст.

Дар ноҳия Тоҷикобод то 8 ҳазор тонна партовҳои сахти маишӣ ҷамъ мешаванд, ки 1,5 ҳазор тоннаи он ба маркази ноҳия рост омада, шаҳри Турсунзода ҳаҷми умумии партовҳои сахти маишӣ 14824,9 м$^3$-ро ташкил дода, ба партовгоҳи марказии Қуруқсой кашонида, коркард ва бо моддаи кимёвии хлор безарар гардонида шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав аз ҷониби Муассисаи коммуналии ноҳия 1172 метри мукааб партов ҷамъоварӣ гардида, ба партовгоҳи марказии ноҳиявӣ бароварда шуда, системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор дарҳудуди ноҳияи Рӯдакӣ дар тавозуни КДФ "Хоҷагии манзилию комуннаӣ"-и ноҳия мебошад.

Васеъ ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо истифодаи натиҷаи Лоиҳаи Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Турсунзода беҳбудиро талаб менамояд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чораҳои иловагиро пешбинӣ намоянд.

**15.6. Корҳои анҷомдодашуда дар доираи барномаҳои соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо) дар шаҳру ноҳия (дар асоси иҷрои ваколатҳои ММҲД ҚҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" моддаи 10)**

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вобаста ба корҳои анҷомдодашуда, дар доираи барномаҳои соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ маълумот омода карда нашудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" Моддаи 10. "Ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист", банди 2. Таҳия ва татбиқи барномаҳо ва нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист, иҷрои ваколатҳои мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинигардида, дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо маълумот омода карда нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" амалигардонии лоиҳаи идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо, иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дар ҚҶТ "Дар бораии ҳифзи муҳити зист" пешбинигардида ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият дода шавад.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 16.1. (16.1, 16.2) Пешгирии ҳолатҳои фавқулода, Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо, 16.2. Корҳои анҷомдода барои пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда, 16.2. (16.3) Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқаррааргардида, Мавҷудият ва ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маиши (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард арзёби гардиданд.**

### 16.1. (16.1,16.2.) Пешгирии ҳолатҳои фавқулода

### 16.1. Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо,

Барои анҷом додани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сӯзишворӣ ва симтур дастрас гардонида шудааст.

Дар ноҳияи Варзоб вобаста ба пешгирӣ ва эрозияи замин ба ҳолати 03 апрели соли 2019 пурра иҷро гардид. Аз ҷумла 22000 бех дарахтони мевадиҳанда, 13000 бех дарахтони сояафкан ва 7000 бех дарахтони ороишӣ шинонда шудааст.

Дар ноҳияи Лахш бояд қайд намуд, ки дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шарикони Рӯшд соҳилмустаҳкамкунӣ дар мавзеъҳои ба корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ниёдоштаи ҳудуди ноҳия, хусусан дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Янгишаҳр оғоз гардида, идома доранд.

Дар ноҳияи Нуробод дар соли 2019 ҳамагӣ ба масофаи 50 метр корҳои соҳилмустаҳкамнамоӣ гузаронида шуда, дар ҳудуди ноҳия 7000 бех ниҳолҳо шинонда шудааст.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ аз тарафи масъулини соҳа тоза намудани маҷрои дарёи мазкур ва баровардани қуму лой ва санг аз маҷрои дарё дар ҳаҷми 78 ҳазор метри мураббаъ амалӣ карда шуда, соҳилҳои минтақаҳои хавфнок мустаҳкам карда шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод бобати соҳилмустаҳкамкунӣ, 8065 метри мурабаъ корҳо иҷро гардидааст.

Дар шаҳри Турсунзода сохтмони баражи обгузари канали калони Ҳисор аз ҳисоби ҳаққи хизматрасонӣ ба миқдори зиёда аз 238000 сомонӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ иҷро шудааст.

Баҳри пешгирии офатҳои табиӣ ва гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ аз тарафи Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳри Ҳисор ба аҳолӣ зиёда аз 3000 $м^2$ симтур тақсим карда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав ба масофаи $150м^2$ ба маблағи 2109 сомонӣ корҳои симтурбандии соҳили дарё аз ҷониби идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳия гузаронида шудааст.

Мушкилот дар таъмини устувори экологӣ аз ҳисоби оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок зиндаги мекарда, шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав 14091, Ваҳдат 1205, Тоҷикобод 387, Лахш 341 ва зарурияти кучонидани оилаҳо ба ҷойҳои бехавф Нуробод 12 оила ва Файзобод 5 мавҷуд буда, зарурияти андешидани чораҳои мушаххас ба миён омадааст, ки ба ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти марказии ваколатдор вусъат бахшида шаванд.

### 16.3. Мавҷудият ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маиши (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ лампаҳои каммасрафи симобдори аз истифодабаромада, аз ҷумла дар шаҳри Ҳисор 10070 адад, ноҳияи Шаҳринав 5670 адад, ноҳияи Тоҷикобод 1500 адад, ноҳияи Файзобод 1835 адад, ноҳияи Рӯдакӣ 1310 адад, ноҳияи Рашт 970 адад, ноҳияи Сангвор 150 адад ва ноҳияи Нуробод 125 адад ҷамъоварӣ гардидаст, ки ҳалли худро дар безараргардонии он талаб менамояд.

Дар шаҳри Турсунзода дар доираи лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишӣ» то имруз 11 адад мошини махсуси партовҷаъмкунӣ ва қуттиҳои (контейнерҳои) партовҷаъмкунӣ оҳанин ворид гардида, мавриди истифода қарор дода шуда, гӯронидани (рекултиватсия) партовгоҳи кӯҳна ва шинонидани ниҳолҳо дар ҳудуди партовгоҳи кӯҳна дар масоҳати 11,35 га оғоз гардидааст, ки то семоҳаи якуми соли 2019 ба истифода дода шудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” барои ҷорӣ намудани низоми идоракунии сахти маишӣ, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллода ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта истиқоматдошта чораҳои амалӣ андешанд.

## 17. Рушди варзиш ва ҷавонон
## (банди 51-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди варзиш ва ҷавонон бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 17.1. (17.1) Дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани нерӯи эҷодии онҳо, 17.2. (17.2) Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, 17.3.**(17.3, 17.4, 17.5) **Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш, 17.4. Соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ 17.5. Оммавигардонии варзиш арзёбӣ гардиданд.**

### 17.1. (17.1) Дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани нерӯи эҷодии онҳо

Нишондиҳандаи баланди ҷалби ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар ноҳияи Варзоб 66 нафар (+12 нафар нисбати соли 2018) зиёд гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 69 нафар ( + 7 нафар), Ҳисор 138 нафар (+6), Лахш 18 нафар (+ 5), Нуробод 4 нафар (+1), Тоҷикобод 4 нафар (+ 1 ) ва Рӯдакӣ 9 нафар (+1)-ро ташкил медиҳад, ки барои баланд бардоштани нишондиҳандаи ҷалби бештари ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда ба фаъолият тавқият бахшида шавад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Турсунзода 2 нафар (-1) кам гардидааст.

Дар ноҳияи Варзоб шумораи ҷавонон 41276 нафарро ташкил намуда, аз он 21150 нафарашон писарон ва 20126 нафар духтарон мебошанд. Дар ноҳия маркази ҷавонон кор ва фаъолият мекунад.

Дар шаҳри Ваҳдат шумораи ҷавонон 122258 нафарро ташкил дода, ҷавонон дар ҳайати кадрҳои роҳбарикунандаи шаҳр 3 нафар кору фаъолият намуда истодаанд. Дар ҳайати Маҷлиси вакилони халқи шаҳр 6 нафар ҷавонон шомил мебошанд, ки дар муҳокимаи масъалаҳои баррасишаванда фаъолона иштирок менамоянд. Шумораи ҷавонон дар ҳайати Маҷлиси ҷамоатҳои шаҳраку деҳот 23 нафарро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Нуробод давоми соли ҷорӣ 28765 нафар ҷавонони синну солӣ аз 14 то 30 сола ба қайд гирифта шудааст, ки аз инҳо 14484 нафарашон духтарон мебошанд. Шумораи умумии ҷавонон дар ҷамъи умумии аҳолии ноҳия 39,1 %-ро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати дастгирии ҷавонон ва бо кор таъмин намудани онҳо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия тадбирҳои мушаххас андешида, имрӯз дар шуъбаву бахшҳои мақомот ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот 35 нафар ҷавонон бо ҷойи кор таъмин гардида, дар мансабҳои гуногун фаъолият доранд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 30 нафар зиёд мебошад. Аз ин шумора 8 нафарашонро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Ҷавонони ноҳияи Рашт 52800 нафарро ташкил медиҳад, аз ин шумора 26050 нафарашон писарон ва 26750 нафар духтарон мебошанд.

Дар шаҳри Роғун шумораи умумии ҷавонон 14007 нафарро ташкил дода, 315 нафари онҳо дар вазифаҳои мухталифи хоҷагии халқи шаҳр адои вазифа менамоянд.

Шумораи ҷавонони ноҳияи Рӯдакӣ 177969 нафарро ташкил дода аз ин 87 ҳазору 280 нафарашонро ҷавондухтарон мебошад.

Бо мақсади таҳкими тадбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла ҷиҳати дастгирии ҷавонони лаёқатманду боистеъдод имрӯз дар ноҳия 15 нафар гирандагони Стипендияҳои Презинденті ва 40 нафар гирандагони стипендияҳои Раиси ноҳия дар муассисаҳои таълимии ноҳия бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда истодаанд.

Танҳо соли равон 19 нафар чавонони ноҳия тибқи квотаи Президентӣ дар донишгоҳу донишкадаҳои олии мамлакат дохил шуда таҳсил доранд.

### 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ

Доир ба рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумотҳо дар нимсолаи соли ҷорӣ пешниҳод карда мешванд.

### 17.3.(17.3, 17.4, 17.5) Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш

### 17.3. Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 51 паём);

Дар ноҳияи Нуробод бо ҷалби соҳибкорон сохтмони 2 толорҳои варзишии замонавӣ идома дорад. Ҳамчунин, дар ҳамаи ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия майдончаҳои варзишӣ аз нав барқарор гардида, шароиту имкониятҳои ҷавонону наврасони деҳот нисбат ба варзиш хуб гардидааст.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ баҳри иштироки бештари ҷавонону наврасон ба варзиш ва тарзи ҳаёти солим дар деҳаҳои калон ва сераҳолӣ 70 адад майдончаҳои варзишӣ бо қарори Раиси ноҳия “Дар бораи додани иҷозат ҷиҳати муввақатан ташкил намудани майдончаҳои варзишӣ” ба тавсиб расида, мавриди истифодаи ҷавонон қарор дорад.

Дар ноҳияи Тоҷикобод сохта ба истифода додани 5-майдончаҳои варзишии замонавӣ ва бозиҳои кӯдакона бо маблағгузории соҳибкорон ва ҳашариҳои дастаҷамъонаи аҳолӣ дар назар аст, ки имсол сохтмони онҳо ба анҷом расида, ба истифода дода мешаванд.

Дар шаҳри Турсунзода дар деҳаҳои калону сераҳолии шаҳр аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ 8 майдончаи варзишӣ, 4 майдончаҳои бозиҳои кӯдакона, 4 толори варзишӣ ба нақша гирифта шуда, сохтмони 4 майдони варзишӣ ва 4 толори варзишӣ идома дошта, дар давоми солҳои 2019-2020 мавриди истифода қарор дода мешавад.

Дар маркази ноҳияи Файзобод марҳилаи аввали сохтмони варзишгоҳи марказӣ бо тамоми шароитҳо барои машқу тамрин ба анҷом расонида шуда, корҳои сохмонии марҳилаи дуюми он идома дорад. Бо дастгирии соҳибкорон сохтмони толорҳои варзишӣ деҳаи Сари чашмаи Ҷамоати деҳоти Ҷавонон ва Ҷамоати шаҳраки Файзобод ба анҷом расонида шуда, дар рӯзҳои наздик мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Дар шаҳри Ҳисор бошад, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони 40 адад майдонча ва толори варзишӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 6 ададаш сохта ба истифода дода шудааст.

Дар шаҳри Ваҳдат 206 адад иншоотҳои варзишӣ аз он ҷумла, 8 адад клубҳои ҷамъиятии варзишӣ, 2 адад варзишгоҳ, 149 адад майдончаҳои варзишӣ, 45 адад толорҳои варзишии машқварзӣ ва 2 адад ҳавзҳои шиноварӣ фаъолияти доимӣ доранд, ки дар беҳ гаштани тарзи ҳаёти солимии аҳолӣ нақши муҳим мегузоранд.

Дар ноҳияи Шаҳринав бо ҷалби соҳибкорон ва аҳолӣ 21- адад ба нақша гирифта шудааст, ки то ба имрӯз 6- адади он мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст ва сохтмони 15-адади он идома дорад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Роғун, Рашт ва Сангвор дар ҳисоботҳои худ доир ба банди мазкур маълумот омода накардаанд.

### 17.4. Нишондиҳандаҳои иншоотҳои соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ.

Дар ноҳияи Варзоб дар майдону толорҳои варзишӣ ҳар ҳафта рузҳои шанбе бо иштироки васеи ҷавонону наврасон, кормандони ташкилоту корхонаҳо 19 машқҳои пагоҳирӯзӣ барузор гардидааст, ки дар он зиёда аз 2006 нафар аз он 572 нафарашон бонувон мебошад.

Дар ноҳияи Лахш дар се моҳи сипаригардидаи соли 2019 10 маротиба машқҳои пагохирӯзӣ таҳти унвони “Зебоӣ, тавоноӣ ва донои аз варзиш аст” бо иштироки зиёда аз 1964 нафар баргузор карда шудааст.

Дар ноҳияи Нуробод дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ 9 маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ гузаронида шудааст, ки 1 529 нафар иштирок карданд.

Дар шаҳри Роғун ҷиҳати оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим ва рушди бемайлони варзиш ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе ва якшанбе дар шаҳр мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ доир гардида истодаанд. Зиёда аз 21 мусобиқаҳои гуногуни варзишии сатҳи шаҳри доир карда шудааст.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ 26 машқҳои пагоҳирӯзӣ бо иштироки зиёда аз 18 200 нафар ҷавонону наврасон гузаронида шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод машқҳои пагоҳирӯзи ҳар рӯзи шанбе дар майдончаҳои варзишии назди муассисаҳо, корҳона ва ташкилотҳо гузаронида шадаанд. Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ 13-маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ бо иштироки 3715 нафар, аз ин 1100 нафар бонувон гузаронида шудаанд.

Дар шаҳри Турсунзода давоми семоҳи аввали соли 2019 13 машқҳои пагоҳирӯзии варзишӣ бо иштироки 8990 нафар аҳолӣ, хусусан наврасону ҷавонон баргузор гардидааст, ки аз онҳо 1895 нафарашон бонувон мебошанд.

Дар ноҳияи Файзобод дар се моҳи соли ҷорӣ 27 маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ гузаронида шудааст, ки 4981 нафар иштирок карданд, аз ҷумла, 676 нафарро бонувон ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Шаҳринав давоми 3 моҳи аввали соли 2019 13 маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ гузаронида шудааст, ки дар он 1274 нафар наврасону ҷавонон ва калонсолон ҷалб гардидаанд, ки 104 нафарашонро духтарон

ташкил медиҳанд, ки нисбат ба соли гузашта 466 нафар иштирокчӣ кам буда, аз он 196-нафар духтар низ фарқ мекунанд.

Машқҳои пагоҳирӯзи дар шаҳру ноҳияҳои Рашт +34 (10) маротиба ва бо иштироки 1250 нафар, Ваҳдат +5(15)/2000, Ҳисор +3 (15)/4010 гузаронида шудааст.

### 17.5. Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ (банди 51 паём);

Дар соли 2019 дар шаҳр ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои ҷалби ҷавонон ба варзиш чорабиниҳои сиёсӣ, варзишӣ, фарҳангӣ, вохӯрию мулоқотҳо, таблиғи тарзи ҳайёти солим ва рушди бемайлонаи варзиш корҳои муайян ба роҳ монда шудааст.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб 32 мусобиқаҳои варзишии ноҳиявӣ аз қабили гуштини миллӣ, дзюдо, самбо, карате-до, шашка, шоҳмот ва ғайра бо ҷалби 5762 нафар ҷавонону наврасон гузоронида шудааст, ки дар умум 110 медал ба даст оварданд.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ дар 3 моҳи соли ҷорӣ варзишгарон дар Чемпионатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мусобиқаҳои минтақавӣ соҳибӣ 1-то медали тилло, 8-то нуқра ва 9-то биринҷӣ гардидаанд.

Дар ноҳияи Сангвор чорабиниҳои варзишии омавиро ташкил ва баргузор намудааст, ки 1243 нафар варзишгарон ширкат варзидаанд. Аз шумораи иштироккунандагон 69 нафари онҳоро бонувон ташкил медиҳанд.

Варзишгарони ноҳия дар мусобиқаи минтақавӣ дар ноҳияи Нуробод оид ба варзиши сабук иштирок намуда, сазовори 8 медали тилло ва 2 медали нуқрагин гардиданд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар 3 моҳи соли ҷорӣ 57 мусобиқаҳои варзишӣ: мусобиқаи футбол барои дарёфти «Ҷоми вазири корҳои дохилӣ», «Ҷоми Навруз-2019», бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ мусобиқа оид ба волейболбозӣ, “Дави Наврӯзӣ”, марафони велосипедронӣ, гӯштини миллӣ дар маъракаҳои Наврӯз доир карда шудаанд, ки ба раванди оммавигардонии варзиш мусоидат менамоянд.

Дар шаҳри Турсунзода давоми 3 моҳаи аввали соли 2019 иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои намуди варзиши сабук, бокс, гӯштини миллӣ, таеквондо (ИТФ) ва таэквондо (ВТФ) дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ аз рӯи имкониятҳои молиявии бахш таъмин карда шуданд, аз ҷумла 34 нафар варзишгарони (16 нафар бонувон) аз мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ 25 адад медал, аз ҷумла 4 адад медали тилло, 9 адад медали нуқра ва 12 адад медали биринҷӣ ба даст оварданд.

Варзишгарони ноҳияи Шаҳринав дар мусобиқаҳои ноҳиявӣ, байниминтақавӣ, ҷумҳуриявӣ осиё ва ҷаҳон иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён шуда, ба хазинаи ноҳия зиёда аз 299 медал вориднамуданд, ки аз он 111 адад тилло (12 ададашро духтарон ба дастовардаанд), 78 адад нуқра (5 ададашро духтарон ба даст овардаанд) ва 110 адад биринҷӣ мебошад, ки (6-ададашро духтарон ба даст овардаанд). Аз ҷумла дар

мусобиқаҳои ноҳиявӣ 72 медали тилло, 61 медали нуқра ва 86 медали биринҷӣ. Дар мусобиқаи минтақавӣ 37 медали тилло, 15 медали нуқра ва 16 медали биринҷӣ. Дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ 2 медали нуқра ва 62 медали биринҷӣ. Дар Чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 медали тилло, 1 –медали нуқра ва 8 медали биринҷиро соҳиб гардиданд, ки нисбат ба соли 2018 медали тилло 31 адад, медали нуқра 19- адад ва медали биринҷӣ 44 адад зиёд мебошад.

Дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Роғун, Рашт, Нуробод ва Файзобод доир ба банди мазкур маълумот дарҷ карда нашудааст.

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ

**(банди 34, 36-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои ва корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ

Баҳри амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қарорҳои дахлдор ва нақшаи чорабиниҳо ба тасвиб расонида шудааст, ки стратегия, самтҳои асосӣ, афзалиятҳо, вазифаҳо ва механизмҳои татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи сайёҳӣ муайян менамояд.

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ доир ба иҷрои нақша - чорабиниҳои амализозии стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нақша-чорабиниҳои таҳия гардида, иҷрои он амалӣ гардида истодааст.

### 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ

**18.2. Корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд намудани таъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон**

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 11 адад субъектони хизматрасонии сайёҳӣ (ширкатҳои сайёҳӣ) фаъолият карда истодаанд. Аз ҷумла: Ваҳдат 1, Варзоб 2, Лахш 3, Рашт 1, Турсунзода 1, Файзобод 1 ва Шаҳринав 2 адад мебошанд.

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 24 адад меҳмонхонаҳои замонавӣ барои қабули сайёҳони дохилию хориҷӣ фаъолият менамоянд. Аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои Варзоб 4 адад, Ваҳдат 2 адад, Лахш 2 адад, Нуробод 1 адад, Рашт 5 адад, Роғун 1 адад, Турсунзода 3 адад, Файзобод 1 адад, Тоҷикобод 1 адад, Ҳисор 3 адад, Шаҳринав 1 адад, ки метавонанд дар сатҳи зарурӣ сайёҳонро қабул намуда, хизматрасониро таъмин намоянд.

Ҳамзамон, хатсайрҳо барои сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар ноҳияи Ваҳдат 55 адад, Варзоб 15 адад, шаҳри Турсунзода 2 адад, шаҳри Ҳисор 11 адад, Шаҳринав 1 адад, шаҳри Роғун 2 адад, ташкил карда шудааст.

Вобаста ба эълон гардидани соли 2019 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" шумораи сайёҳони хориҷӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ афзоиш ёфта истодааст.

Дар давоми се моҳи соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ теъдоди сайёҳони ташрифоварда 24819 нафар буда, аз он 2307 нафар ё 9,3% сайёҳони хориҷӣ мебошанд, ки аз намуди сайёҳии кӯҳнавардӣ, табобатӣ, солимгардонӣ ва экологӣ истифода намудаанд.

Нишондиҳандаи баланди шумораи сайёҳони хориҷӣ, ки ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташриф овардаанд, дар шаҳри Ҳисор 7874 (аз он 1146 нафар хориҷӣ), ноҳияи Варзоб 7080 нафар (аз он 712 нафар хориҷӣ), шаҳри Роғун 360 нафар (аз он 150 нафар хориҷӣ), шаҳри Турсунзода 540 (аз он 125 нафар хориҷӣ), ноҳияи Лахш 125 нафар (125 нафар хориҷӣ), ноҳияи Рашт 337 (аз он 29 нафар хориҷӣ) ва ноҳияи Шаҳринав 290 (аз он 20 нафар хориҷӣ) мушоҳида гардида, барои сайёҳон мавзеҳои сайёҳии ин ноҳияҳо ҷалбкунанда ба ҳисоб меравад.

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рӯдакӣ, Нуробод ва Сангвор вобаста ба замимаҳо маълумот омода нагардидааст.

### 18.3. (18.3)Ташкили ба роҳ мондани муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ

Дар ноҳияи Варзоб минтақаҳои истироҳаии «Кохи Малика», «Ёвар», «Варзоб-Палас», «Гулобод», «Гули майда» ва Маҷмааи комплексии лижаронии «Сафеддара», дар шаҳри Ваҳдат дараи «Ромит» оби шифобахши «Зайрон» ва «Мамнуъгоҳи Ромит», ноҳияи Лахш мавзеи табобатии «Тандикул», дар ноҳияи Файзобод оби маъдании «Файзобод», шикоргоҳ ва лойи табобатии «Сиёҳгулӣ», дар шаҳри Ҳисор мавзеи таърихию фарҳангии «Қалъаи Ҳисор», осоишгоҳҳои «Шоҳамбарӣ», «Сангчашма» ва осоишгоҳи замонавии «Сатурн» барои қабули сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ тамоми шароитҳои замонавӣ фароҳам оварда шудааст.

### 18.4. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ ва маъмурӣ хизматрасонӣ сайёҳӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо

Дар ноҳияи Варзоб сомонаи интернетӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва имкониятҳои муарифии он бо суроғаи www.varzob-turizm.tj, ноҳияи Рашт сомонаи сайёҳӣ www.rasht.tajtravel.tj, ноҳияи Лахш www.Lakhsh.tj , ноҳияи Тоҷикобод www.tojikobod.tj , ноҳияи Рӯдакӣ www.nrudaki.tj, ноҳияи Шаҳринав дар сомонаи иҷтимоӣ (Фейсбук) рубрикаи махсус ба номи "Sayohi Shahrinav" ва почтаи электронӣ ба номи tourism.shahrinav@mail.ru ва ба ин монанд дар дигар шаҳр ва ноҳияҳои тобеи чумҳурӣ сомонаҳои интернетӣ бо мақсади ҷалби сайёҳони хориҷӣ маводҳои иттилооти оид ба имкониятҳои сайёҳии кушода шуда фаъолият менамоянд.

Пешниҳод: Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии

сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, соҳибкорон, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таъсиси Ширкатҳои сайёҳӣ, коркарди хатсайрҳо ва дақиқ ба роҳ мондани ба ҳисобгирии шумораи сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд.

## 19. Баробарии гендерӣ
## (банди 49-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти ссиёсию ҷамъиятӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти ссиёсию ҷамъиятӣ

### 19.1Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо

Шумораи занон дар ҳайати роҳбарикунанда дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав 12 нафар (+ -0 нафар нисбат ба ҳамин давраи соли 2018), Лахш 4 нафар (+-0 нафар), Ваҳдат 33 нафар (+19 нафар), Ҳисор 4 нафар (+-0 нафар), Рӯдакӣ 3 нафар (+1 нафар), Рашт 11 нафар (+2 нафар), Варзоб 3 нафар (+-0 нафар), Сангвор 3 нафар (+1 нафар), Тоҷикобод 4 нафар (+1 нафар), Турсунзода 3 нафар (+/-0 нафар), Файзобод 30нафар (+/-0 нафар), Нуробод 4 нафар (+1 нафар) ва Роғун 6 нафар (-2 нафар), ташкил додааст, ки аз амалишавии татбиқи сиёсати давлатии мақоми зан дар ҷомеа дарак медиҳад.

Дар муассисаҳои бонкии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ҳолати имрӯза 408 нафар занон кору фаъолият доранд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта теъдоди онҳо 39 нафар зиёд шудааст. Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав 15 нафар (+2 нафар нисбат ба ҳамин давраи соли 2018), Лахш 1 нафар (+/-0 нафар), Ваҳдат 70 нафар (+15 нафар), Ҳисор 57 нафар (+1 нафар), Рӯдакӣ 71 нафар (+4 нафар), Рашт 29 нафар (+10 нафар), Сангвор 2 нафар (+/-0 нафар), Тоҷикобод 2 нафар (+/-0 нафар), Турсунзода 113 нафар (+7 нафар), Файзобод 37 нафар (+/-0 нафар), Нуробод 1 нафар (+/-0 нафар) ва Роғун 10 нафар (+/-0 нафар) ташкил медиҳад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби занҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид фаъолияти ҳамоҳангсозиро таҳвият бахшанд.

## 20. Ҳолати иттиҳодияҳои динӣ

### 20. (20.1, 20.2) Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ

Маълумот оид ба иттиҳодияҳои динӣ дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои

тобеи ҷумҳурӣ чунин мебошад:

Дар ҳудуди ноҳияи Варзоб 64 масҷид фаъолият доранд, ки аз онҳо 2 масҷиди ҷомеъ, 62 масҷиди панҷвақта, дар шаҳри Ваҳдат айни замон 95 иттиҳодияҳои динии расмӣ, 100 иттиҳодияи динии ғайрирасмӣ ва 3 иттиҳодияи ғайри исломӣ фаъолият менамоянд, ки дар маҷмуъ 198 иттиҳодияро дар бар мегирад, дар ноҳияи Нуробод 4 масҷиди ҷомеъ, 40 масҷиди панҷвақта, дар ноҳияи Рашт айни замон 91 иттиҳодияи динӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 5 масҷиди ҷомеъ ва 85 масҷидҳои панҷвақта, дар ноҳияи Рӯдакӣ 221 масҷиди расмӣ аз он ҷумла 1 масҷиди ҷомеъи марказӣ, 28 масҷиди ҷомеа ва 192 масҷиди панҷвақта, дар ноҳияи Сангвор 46 масҷид бақайд гирифта шудааст, ки аз ин 1 масҷиди ҷомеъ ва 45 масҷиди панҷвақта, дар ноҳияи Тоҷикобод 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 2 масҷиди ҷомеа ва 16 масҷиди панҷвақта, дар шаҳри Роғун 4 масҷиди ҷомеи марказӣ ва 29 масҷиди панҷвақта, дар шаҳри Турсунзода 105 иттиҳодияи динии исломӣ ва 2 иттиҳодияи динии ғайри исломӣ, дар ноҳияи Файзобод 6 масҷиди ҷомеъ, 20 масҷиди панҷвақта, дар шаҳри Ҳисор 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 19 масҷиди ҷомеъ, 149 масҷиди панҷвақта ва дар ноҳияи Шаҳринав 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 6 масҷиди ҷомеъ, 46 масҷиди панҷвақта фаъолият мекунанд.

Дастгирии оилаҳои ниёзманд дар арафаи иду ҷашнҳои миллӣ кумакҳои пулию молӣ ва хӯрокҳои яквақтаина дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ корҳо ба таври дахлдор ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла ноҳияи Рашт аз ҷониби иттиҳодияҳои динии ноҳия ба 10 оилаҳои ятиму бепарсатор, маъюб ва осебпазир 2320 сомонӣ кӯмакпулӣ расонида шудааст. Дар ноҳияи Рӯдакӣ аз ҳисоби иттиҳодияҳои динӣ 20 ҳазор сомонӣ дар арафаи Иди Наврӯз кӯмак расонида шуда, барои бунёди роҳу пулҳо, таъмиру барқарорсозии муассисаҳои таълимӣ инчунин таъмини лавозимоти дарсӣ ва дастгирии эҳтиёҷмандону ятимону бепарасторон ба маблағи зиёда аз 10 ҳазор сомонӣ кӯмак расонида шудааст. Дар ноҳияи Тоҷикобод аз ҳисоби иттиҳодияҳоии динӣ барои чароғонкунии кӯчаҳои маркази ноҳия ва деҳот 1300 сомонӣ, харидорӣ ва дастрас намудани 5 компютер барои муассисаҳои таълимӣ 6500 сомонӣ, кӯмаки яквақта ба ятимон 250 сомонӣ, барои дастгирии оилаҳои камбизоат 500 сомонӣ ва дигар амалҳои хайриявӣ 2664 сомонӣ, дар маҷмуъ 11214 сомонӣ масраф шудааст. Дар шаҳри Турсунзода амалҳои хайриявӣ аз тарафи иттиҳодияҳли динӣ ба маблағи 18960 сомониро ташкил додааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамкориро бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини самаранокии фаъолияти иттиҳодияи диниро дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ ҷиҳати иҷрои Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 сол, №12 банди 19 чораҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

## 21. Рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ
## (банди 3 ва 8-и паём)

**Нишондодҳои пешакии рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ бо нишондиҳандаҳои 21.1.(21.1) Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, 21.2. Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои коммуналӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 21.1. (21.1) Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ

**21.1. Ҳолати маблағгузорӣ ба бахшҳои хусусии соҳаҳои истеҳсолии шаҳру ноҳияҳо**

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар ноҳияи Варзоб дар ин давра 3,9 млн. сомонӣ ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +639 ҳаз. сомонӣ, ё 119,4%, дар шаҳри Турсунзода 49,2 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 6,4 млн. сомонӣ ё 102,9%, дар шаҳри Ваҳдат 10,3 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 19 ҳаз. сомонӣ ё 100,2%, дар ноҳияи Рашт 14,5 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 1,2 млн. сомонӣ ё 108,3%, дар шаҳри Роғун 11,9 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 3,3 млн. сомонӣ ё 138,1%, дар ноҳияи Рӯдакӣ 9,1 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 637 ҳаз. сомонӣ ё 107,5%, дар ноҳияи Файзобод 1,4 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 179 ҳаз. сомонӣ ё 114,3%, дар ноҳияи Шаҳринав 7,1 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 561 ҳаз. сомонӣ ё 108,6%,зиёд гардидааст.

Инчунин, ин нишондиҳанда дар ноҳияи Нуробод дар ин давра 4,7 млн. сомонӣ ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -1,2 млн. сомонӣ ё 79,1%, Сангвор 1,7 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта -116,7 ҳаз. сомонӣ ё 93,7%, Тоҷикобод 4,0 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта -1,9 млн. сомонӣ ё 66%, Ҳисор 38,1 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта -604,4 ҳаз. сомонӣ ё 98,4% кам гаштааст.

### 21.2.Корҳои анҷомдода ҷиҳати дастрасии хизматрасониҳои пулакӣ

Дар шаҳри Турсунзода ҳаҷми мол, кор ва хизматрасонӣ дар семоҳаи якуми соли 2019 ба маблағи 484 млн. сомонӣ истеҳсол шуда, ки ин нисбат ба ҳамин давраи семоҳаи якуми соли гузашта 32,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад: соҳаи савдо 10,8 фоиз, кишоварзӣ – 3,2 фоиз, хизматрасонии пулакӣ- 14,9 фоиз, саноат 15,6 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Дар ноҳияи Варзоб моҳҳои январ-марти соли 2019 аз тарафи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 213 ҳазор сомонӣ қарзҳои хурд дода шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 34150 сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Нуробод бунёди иншоотҳои хизматрасонию маишӣ, аз ҷумла ҳаммом, сартарошхона, кошонаи ҳусн, дорухона, марказҳои савдо, ошхона,тарабхона, марказу бунгоҳҳои саломатӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ноҳияи Рашт 6 бонкамат, 45 терминал ва 7 нуқтаи хизматрасонӣ, ки дар нуқтаҳои савдо ҷойгир карда шудан ба аҳолӣ хизмат мерасонанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 23 адад зиёд мебошад.

Дар шаҳри Роғун дар 3 моҳаи аввали соли 2019, аз ҷониби бонкҳои ҳудуди шаҳр ба маблағи 24 026,2 ҳазору сомонӣ, дар соҳаи алоқа 770 сомонӣ, ба аҳолӣ хизмат расонида шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар давраи ҳисоботӣ ба аҳолӣ ба маблағи 3 млн. 969 ҳазор сомонӣ расонидани хизматрасонии пулакӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 млн. 864 ҳазор сомонӣ ё 66,1 фоиз кам мебошад. Сабаби чунин вазъ аз кор мондани филиалҳои дар ноҳия амалкунандаи баъзи бонкҳои муфлисшуда арзёбӣ шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод ба нақшагирии бунёди як қатор марказҳои хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ ба назар мерасад, аз ҷумла; ҳаммом, сартарошхона, кошонаи ҳусн, дорухона, марказҳои савдо, ошхона,тарабхона, марказу бунгоҳҳои саломатиро дар бар мегирад.

Дар шаҳри Ҳисор хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолии шаҳри Ҳисор дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар моҳҳои январ-марти соли 2019, 38,1 млн сомонӣ ва ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли 2018 бо нархҳои дахлдор 98,4 фоиз ва бо индекси нархҳо 95,9 фоизро ташкил медиҳад.

Корхонаю ташкилотҳои расман ба қайд гирифташуда ба маблағи 7,6 млн сомонӣ корҳои хизматрасониро анҷом додаанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, ба миқдори 2,1 млн сомонӣ зиёд ва ё ин, ки 138,8 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Шаҳринав дар се моҳи соли 2019 ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолии ноҳия дар ҳамаи соҳаҳо 7 млн 100 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 561 ҳазор сомонӣ зиёд буда, ба 112 фоиз баробар мебошад. Аз тарафи корхонаҳои расман ба қайдгирифташуда дар ин давра 1 млн 896 ҳазор сомонӣ хизматрасонӣ ба аҳолӣ расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 141 фоиз ё ин, ки 547 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ваҳдат, Сангвор ва Лахш доир ба банди мазкур маълумот дарҷ нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ, зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва ҷаҳати дастрасии он ба аҳолӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 22. Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 22.1. Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифта ва ошкоршавии онҳо, 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид), 22.3-22.4 Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, 22.5 Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 22.1.Ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо

Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ҳолати ҷиноятҳои ба қайд гирифта арзёбӣ гардиданд.

Дар соли 2019 дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 332 адад (+15адад), Шаҳринав 190 адад (+1адад), Ҳисор 172 адад (+24 адад), Турсунзода 135 адад (+7адад), Лахш 47 адад (+20 адад), Роғун 30 адад (+ 8), Варзоб 27 адад (+9 адад), Тоҷикобод 24 адад (+5 адад) ва Сангвор 24 адад (+8 адад), Рашт 62 адад (+6 адад), дар шаҳру ноҳияҳо зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 165 адад (+-0), Файзобод 61 адад (-1 адад) ва Нуробод 40 адад (-9 адад) нисбат ба соли гузашта кам мебошад, ки ин натиҷаи дуруст ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои Вазорати корҳои дохилро нишон медиҳад.

Зиёдшавии шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда, нисбати соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Лахш ва Ҳисор ба назар расида, пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ваколатдорро тақозо менамояд.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт маълумот дарҷ нагардидааст.

### 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид)

Дар давраи ҳисоботии соли 2019 шумораи худкушӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷумла; Ҳисор 6 ҳодиса, Турсунзода 5 ҳодиса, Рӯдакӣ 3 ҳодиса, Ваҳдат 1 ҳодиса, Варзоб 1 ҳодиса ба қайд гирифта шудааст, ки боиси нигаронии аҳли ҷомеа мебошад ва дар ин самт пурзур намудани фаъолияти мақомотҳои дахлдорро лозим меояд.

Дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо ин ҳолати худкушӣ (суитсид) ба қайд гирифта нашудааст.

### 22.3-22.4 Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст 67 ададро ташкил дода, он дар ар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 27 адад, Турсунзода 22 адад, Тоҷикобод 6 адад, Рӯдакӣ 5 адад, Лахш 4 адад, Файзобод 2 адад ва Шаҳринав 1 адад ба қайд гирифта шуда, дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо ҳолати ҷиноятӣ дида намешавад.

Дар ин давра шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 11 адад ва Сангвор 6 адад ба қайд гирифта шудааст.

Аз ҳисоби шаҳрвандони шаҳри Ваҳдат 155 нафар ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ шомил гашта, 116 нафарашон дар давлати Сурия дар задухурдҳо иштирок карда, 11 нафарашон фавтидаанд.

Дар соли 2019 аз тарафи Шуъбаи корҳои дохилӣ дар шаҳри Роғун ҳолатҳои шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгаро ва тундрав ба қайд гирифта нашудаст.

Дар ноҳияи Шаҳринав шомилшавии шаҳрвандони ноҳия, ки дар муноқишаҳои мусаллаҳонаи дигар давлатҳо аз қабили Сурия, Ироқ ва Афғонистон иштирок доранд, 56 нафарро ташкил медиҳад, аз инҳо 9 оила (37 мард, 11 зан, 8 ноболиғ), ба 53 нафар тибқи моддаи 4011 –и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ боз карда шудааст. Баргардонида шудаанд 4 нафар. Ҳамагӣ 53 нафар шаҳрвандони ноҳия дар давлати Сурия ва 3 нафар дар Федератсияи Россия қарор доранд. Аз онҳо 7 нафарашонро аъзоёни гурӯҳи равияи радикалию экстремистии «Салафия» ташкил медиҳанд. Дар давлатҳои ҷангзада аз қабили Сурия, Ироқ ва Афғонистон 36 нафар шаҳрвандони миллаташон узбек ва 20 нафар миллаташон тоҷик шомил гардидаанд.

**22.5 Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо.**

Дар самти ташвиқу тарғиби қонунҳо дар ноҳияи Рӯдакӣ 74 маротиба, ноҳияи Лахш 35 маротиба ва шаҳри Турсунзода 5 маротиба сӯҳбату вохӯриҳо гузаронида шудаанд.

Дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ доир ба банди мазкур маълумоти муфассал дарҷ нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, барои иҷрои ваколатҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза ба зиди ҷинояткорӣ, шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгаро, тундрав ва экстремистию террористӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо шӯъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои иловагӣ андешанд.

**23. Рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

**23.1. Ҷараёни иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2019 муайян карда шудааст.**

Бояд зикр намуд, ки дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи ноҳияҳои Сангвор, Лахш ва Файзобод маълумотҳо доир ба рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, баён доштанд пешниҳод гардидааст, ки вобаста ба ин нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо таҳия ва тасдиқ карда шуда, масъулони иҷро корбарӣ намуда истодаанд.

Ҳамзамон дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Роғун, Рӯдакӣ, Тоҷикобод, Турсунзода, Ҳисор, Шаҳринав, Варзоб ва Ваҳдат аз ҷониби масъулин оид ба рафти иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2019 муайян карда шудааст, дар ҳисобот маълумот омода карда нашудааст, ки аз ин ҳисоб ҳамоҳангсозии

фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ имконнопазир гардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии дахлдор барои таъмини иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари корӣ, ки муҳлати иҷроишашон мувофиқи Нақша – чорабинӣ дар соли 2019 пешбинӣ гардидааст, чораҳои зарурӣ андешида, нисбати рафти иҷрои онҳо дар муҳлатҳои муайяншуда маълумотҳои (банд ба банд) мушаххас пешниҳод намоянд.

**23.2. Рафти иҷрои камбудиҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ошкор карда шудаанд.**

Рафти иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2018, №10/1 ва аз 20 феврали 2018, №324/10-50 оид баислоҳи пурраи камбудиҳое, ки аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд, чунин мебошад.

Дар маҷмӯъ аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи бандҳои камбудҳои ошкор гардида 14 ададро ташкил карда то ин давра камбудиҳои 2 банди он, дар ш.Турсунзода ва н.Нуробод ислоҳ нагардидаанд:

Банди 1.

Дар шаҳри Турсунзода сохтани 12 китобхона ва бинои коллеҷи омузгорӣ таъмирталаб буда, маркази ҷавонон вуҷуд надорад.

Банди 1.

Дар ноҳияи Нуробод ҷиҳати бунёди мактаби санъат ва мусиқӣ

Бинобар ин мақомотҳои иҷроияи маҳаллии шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Нуробод Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳо тақвият бахшанд.